*Гулистон*

# ҒАЗАЛИЁТ

Ҷилди дуюм

Душанбе
«Адиб»
2010

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ББК 84 Тоҷик 7 – 5
С-88

Муҳаррир *Гурез Сафар*

С-88 **Гулистон Субҳонова.** Ғазалиёт. (Ҷилди дуюм). –
– Душанбе, «Адиб», 2010, 264 саҳ.

Гулистон ба жанри маъмули адабиёт – ғазал даст задааст. Албатта, дар ғазал сухане нав ёфтану ғунҷонидан кори саҳл нест, вале ҷо-ҷо мушоҳидаи тоза ва равонию содагӣ «Ғазалиёт»-и ӯро хонданӣ гардонидаанд.

ISBN 978-99947-64-84-6

© Гулистон Субҳонова, 2010

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Баҳори ишқи маҳ омад, хуш омад,
Чу нуре дар нигаҳ омад, хуш омад.

Ҳамин будаст шарти ошноӣ,
Гадоро завқи шаҳ омад, хуш омад.

Баҳори ҳусн хуш омад, муборак,
Ки Юсуф сӯи чаҳ омад, хуш омад.

Гулистон, ишқро сози дигар деҳ,
Ки айёми фараҳ омад, хуш омад!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Садоқат шеваи ёрони ҳақ буд,
Садоқат меҳри ҳақ аз ҷони ҳақ буд.

Биё, шукронаи ҳақ кун, ки ҳар дам
Садоқат ҳикмати имони ҳақ буд.

Магӯ дар зиндагӣ аз бими мурдан,
Ки ин дам ҳиммати мардони ҳақ буд.

Машав навмед аз ин дам, ки ҳастӣ,
Нафас овардаи эҳсони ҳақ буд.

Дуои ҷони муштоқон накӯ дон,
Ки ин дил ёри муштоқони ҳақ буд.

Гулистон, бори имкони саодат
Ба ҳар гул додаи имкони ҳақ буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❧ ❀ ☙

Ёри ман, чашми хуморат нозук аст,
Абрувони тобдорат нозук аст.

Гардиши чолоку табъи дилкашат,
Дар вафову аҳд корат нозук аст.

Ранги рӯят дилписанду дилкушост,
Ранги рӯи чун баҳорат нозук аст.

Мекунад афсуни ту дилхун маро,
Эй фиребо, рӯзгорат нозук аст.

Шаҳри ман зеби ту меорад ба чашм,
Дар бари ман ихтиёрат нозук аст.

Бар Гулистон нек омад интизор,
Эй гули ман, интизорат нозук аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Бо ту ин аст гузорам, ки рамидӣ аз мо,
Ё зи гуфтори баде ҳарф шунидӣ аз мо?

Баҳри худ ҳамдами ин умр туро хонд дилам,
Лаззати ҳар нафаси ишқ чашидӣ аз мо.

Печутоби раҳи ин умр гаронӣ дорад,
Печутоби сари ҳар зулф надидӣ аз мо.

Мечакад ашки қаторам, ки дами борон аст,
Балки чун ашк зи ин дида чакидӣ аз мо.

Ғусса ин аст, ки ҳиҷрони ту овард ба сар,
Ҳамдами хеш шудӣ, даст кашидӣ аз мо.

Ман Гулистонаму ҷуз лолаи доғам набувад,
Ҳайфам ояд, ки ту як лола начидӣ аз мо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Даштҳои зарнисорат, эй Ватан,
Хуш бувад бо рӯдборат, эй Ватан.

Бо ту ҷонам сарбаланди олам аст,
Шод мондам дар канорат, эй Ватан.

Баҳри мо орад сафо меҳри хушат,
Ҷон фидои чашмасорат, эй Ватан.

Сайр хоҳам кард, то бошад нафас
Дар ҳавои лолазорат, эй Ватан.

Мерасад озодаву хуш бар машом
Боду борони баҳорат, эй Ватан.

То Гулистон ҳасту ин боғу чаман,
Кай равад аз сар хуморат, эй Ватан?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бар ту мегӯям, ки султони манӣ,
Сурхии рӯ, ҷавҳари ҷони манӣ.

Чашми ман гар хоб мебинад туро,
Реша андар қаъри чашмони манӣ.

Гар ту шоҳӣ, шоҳи шоҳони ҷаҳон,
Лек донам, ки ба фармони манӣ.

Парваридам меҳри ту дар синаам,
То нафас боқист, армони манӣ.

Ҳастии ту давлати поянда аст,
Файзбахши ризқ дар хони манӣ.

Дар Гулистон ҷой бар хоре мабод,
Гул ба боғу гул ба домони манӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар хаёлам диданат дорам ҳавас,
Бинамат, озод гардам аз қафас.

Дар дили шӯридаам ҷон медамад,
Лутф бинмоӣ агар ними нафас.

Як даме, эй бехабар, гӯшам намо,
Дар шитобам пеши ту бо сад ҳавас.

Кош рӯзеат бигирам дар бағал,
Дар ду дунё дорам ин армону бас.

Ман надидам бо ҳама оворагӣ,
Зӯртар аз паҳлавони ишқ кас.

Чун Гулистон сар ба хок афкандаам,
Сарви озодам нагаштӣ дастрас.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бигзашта умри мост, ки қоматхамидаем,
Аз тарфи боғи васли ту як гул начидаем.

Коре накардаем сари роҳи ошиқӣ,
Як умр гарчи аз пайи заҳмат давидаем.

Шукрона мекунем зи подоши зиндагӣ,
Чун чашмаи зулол ба ҷое расидаем.

Овардаем баски ба ҷон расми одамӣ,
Аз шайхи рӯзгор накӯе шунидаем.

Шеъри баланд мешиканад қадри зар агар,
Ба ҷони хеш ин ҳама гавҳар харидаем.

Эй Гулситон, ки бо сухан ой ба базми мо,
Дар лутфи тӯтивори ту иллат надидаем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дилатро пок дорӣ мисли дарё,
Дили дарё кашонад сар ба саҳро.

Чу парҳезӣ зи каҷгӯёни каҷрӯ,
Ба чашми мардумон гардӣ ту зебо.

Назар бинмо ба мардум бо дили соф,
Агар бошӣ чу ойина мусаффо.

Макун таҳқир касро, эй бародар,
Мадеҳ деви кудуррат дар дилат ҷо.

Ниҳоли меҳр мепарвар ба умрат,
Ки бошад меваи шохаш гуворо.

Надорад кинае дар дил Гулистон,
Бихоҳад одами поку мубарро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Панди модар гӯш бинмо, ҷон писар,
Панди модар хезад аз ҷону ҷигар.

Гар бихоҳӣ зиндагӣ ширин шавад,
Кӯш доим дар раҳи илму ҳунар.

Боҳунар ҳар ҷо шавад болонишин,
Ҷой бошад беҳунарро пушти дар.

Ҷони ширин, домани андеша гир,
То намонӣ дар замон бе болу пар.

Гар тавонӣ ранҷ бар, ганҷе бигир,
То ки бошӣ чун ниҳоле пурсамар.

Бо садоқат гар равӣ бар кӯи дӯст,
Аз дили ёрон нахоҳӣ шуд бадар.

Эй Гулистон, душманӣ бар кас макун,
То ба умрат дур бошӣ аз хатар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

☙ ❀ ❧

Дасти ман домони ту, эй ёри ҷон,
Ҳастиям қурбони ту, эй ёри ҷон.

Мешунидӣ кош афғони маро,
Қисматам ҳиҷрони ту, эй ёри ҷон.

Майл дорӣ, сӯи худ хонӣ маро,
Ин манам ҷонони ту, эй ёри ҷон.

Пеши ман ту аз асал ширинтарӣ,
Ин манам армони ту, эй ёри ҷон.

Интизорам бош, меоям пагоҳ,
Мешавам меҳмони ту, эй ёри ҷон.

Эй Гулистон, ҳамчу гул хушбӯ шавӣ,
Ҷони ман дар ҷони ту, эй ёри ҷон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гардиш нахӯрад чархи фалак беҳуда,
Сангест, ки одамӣ зи чархаш суда.

Эй гардиши айём, чӣ созӣ ту ба мо?
Гаштем ба саҳни осмонҳо дуда.

Паст аст зи ҳарчи қадри одам, ки ҳанӯз
Кас нест барорад нафаси осуда.

Ҳайфо, ки ҷавониам ба андӯҳ гузашт,
Пире шаваму кош зи ғам полуда.

Ранҷида мабош, эй Гулистон, зи фалак,
Умри гузарон буда гаҳе нобуда.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гар бовафо ту бошӣ, эй нозпарвари ман,
Ҳамроҳи ман бимонӣ як умр дар бари ман.

Ҳар лаҳзае ки аз меҳр сӯям нигоҳ созӣ,
Сар мекашад зи шодӣ бар осмон сари ман.

Чашми ман интизорат умрест, эй ситамгар,
Боре тараҳҳуме кун аз ноз кофари ман.

Ифшо намо ту розат, дигар ғамин масозам,
Сӯям биё ба парвоз, эй рафта кафтари ман.

Имдод аз ту хоҳам, монам сарам ба зону-т,
Ҳастӣ ту подшоҳам, эй соҳиби сари ман.

Дармондаам ба зулмат, гумроҳ то қиёмат,
Равшан намо раҳамро, эй моҳу ахтари ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зери лаб гуфтам, ки ёри ман туӣ,
Чашмаи уммедвори ман туӣ.

Дил ба ёдат махзани меҳру вафост,
Шаҳсавору шаҳриёри ман туӣ.

Бе рухат рафтаст хоб аз чашми ман,
Олами сабру қарори ман туӣ.

Коштам дар сина тухми меҳри ту,
Ҳосиле аз панҷу чори ман туӣ.

Чун Гулистон хайма дар роҳат задам,
Занфишону зарнигори ман туӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## БА БАРОДАРИ АЗИЗАМ ИСМОНҚУЛ СУБҲОНОВ

Сурмае дар дидагонам гаштаӣ,
Марҳаме бар қалбу ҷонам гаштаӣ.

Сад ташаккур бар ту гӯям, додарам,
Рӯи каф чун армуғонам гаштаӣ.

Ман надорам бе ту илҳому барор,
Теғи бурро бар забонам гаштаӣ.

Бе ту торикӣ бипӯшад хонаам,
Равшании хонадонам гаштаӣ.

Бе ту беморам, надорам, марҳаме,
Нӯшдоруе ба ҷонам гаштаӣ.

Бе ту дар олам надорам рангу бӯ,
Такягоҳи хонумонам гаштаӣ.

Мешукуфад Гулситон аз файзи ту,
Боғбони меҳрубонам гаштаӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

༄ ❀ ༄

Ман модараму модараму модари зорам,
Ман тоқати чашми тари фарзанд надорам.

То нахли қади тифли ҳунар хушк намонад,
Абре шаваму бар сари он нахл биборам.

Ҳар гаҳ шунавам хандаи тифлони Ватанро,
Осуда шавам, ранҷу ғам аз сина барорам.

Хоҳам, ки Ватан гул кунад аз субҳи амонӣ,
Дар хоки азизи Ватан аст авҷу барорам.

Ман модараму модараму модари зорам,
Аз сидқ ба қалби писарон меҳр бикорам.

Оғӯши Ватан бахти баланд аст, Гулистон,
Андар бағалаш сар ниҳаму ҷон бисупорам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чӣ дорӣ баъди рафтанҳо суроғе,
Куҷо кобӣ ту он гулро ба боғе?!

Зи ҳаҷри ҳамдигар то чанд нолон?
Зи нолиш гашт рӯи гул чу доғе.

Вафо омӯз, заҳмат каш, азизам,
Фурӯзон сина аз нури чароғе.

Чаро гул монд андар пардаи роз?
Дили булбул зи ҳаҷраш доғ-доғе?

Нигаҳ дорӣ худатро, эй Гулистон,
Дил аз дил кан, биёбӣ то фароғе.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чӣ бошад ишқ? Пурсидам аз он кас,
Бигуфто, ишқ афсун бошаду бас.

Раҳаш сарбастаи хори мағелон,
Ки бошад ранҷу озоре аз ин пас.

Матои ишқ бошад печ дар печ,
Кушодам укдаи он дастнорас.

Ҳавои ишқ ҷавлонгоҳи шоҳин,
Куҷо он ҷост ҷои ёри каргас?

Чу Маҷнун дар биёбони муҳаббат
Сафар кардӣ, набояд гашт вопас.

Гулистон, нокасон аз ишқ дуранд,
Бувад аз нокасон беҳ тӯдаи хас.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Байни гулҳои чаман садбарги зебоям туӣ,
Дар китоби зиндагонӣ сатри волоям туӣ.

Сайри боғи ишқбозӣ гар намоям ихтиёр,
Пеши дида ҷилвагар он сарви болоям туӣ.

Медароӣ, ёр, дар хобам ба монанди парӣ,
Дар ҷаҳони зарпарастӣ дурри яктоям туӣ.

Гарчи ширин умр бошад андар ин дунёи рав,
Талх бе ту рӯзгорам, зеби маъвоям туӣ.

Ин Гулистон менахоҳад тирарӯзиҳои даҳр,
Ахтари тобандаи имрӯзу фардоям туӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар сина ишқ дорам, бинед дар азобам,
Чун мурғи болканда ҳар лаҳза дар итобам.

Дармони қалби маҷрӯҳ бошад агар ки ёрам,
Чун барраи танӯрӣ дар оташаш кабобам.

Дар нимашаб шуморам истораҳои гардун,
Ман ёри ҷони худро бинам агар ба хобам.

Ҳар захмате зи дунё бурдам, насибаам буд,
Боде зи мавҷи дарё афканд чун танобам.

Розе агар, ки дорам, бо килки хеш гӯям,
Огоҳ мешавӣ з-он, хонӣ агар китобам.

Бо ҳусни хеш мағрур гаштӣ, чаро нагуфтӣ?
Бар ошиқи ҷигарсӯз боре расад савобам.

Фарёди Гулситонро бишнид кӯҳи Помир,
Эй ёр, дар куҷоӣ? Охир диҳӣ ҷавобам?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар замини сахту беоб, эй Худо,
Ман накорам донаи меҳру вафо.

То ки гардад баҳрае нахли дилам,
Мегузорам ман қадамҳо бо дуо.

Мурғи зирак, дар талоши дона бош,
То набинӣ хеш дар доми бало.

То тавонӣ, ёр, бар кас бад макун,
Чун намехоҳӣ баде бар худ раво.

Гулситон, қалби туро бошад ҳавас,
Лутфи хуш бинмо ба ёри ошно.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Ҷону дилакат гирён аз тобу таби ишқам,
Ин аст ғами дунё андар талаби ишқам

Эй ёри паричеҳра, хуш бош бад-ин савдо,
Бори адаб ин дорад, донам адаби ишқам.

Аз субҳ ба бедорӣ, гуфтам талаби ёрӣ,
Овард ба ин зорӣ аз нав ба шаби ишқам.

Дар хеш садо кардам, то бишнавам овозаш,
Бас воаҷабаш гуфтам, омад аҷаби ишқам.

Сайр асту парешонӣ аз ишқ ба сарсонӣ,
Ӯ дар Аҷами ишқ аст, ман дар Араби ишқам.

Дардест Гулистонро бар ҳоҷати ин булбул,
Ӯ нахли пур аз гул буд, шохи ҳасаби ишқам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бар ту гӯям офтобӣ, ҷони ман,
Моҳу ахтар дар ҳисобӣ, ҷони ман.

Эй биё, ағёри ман бинад туро,
Дур аз сатру ҳиҷобӣ, ҷони ман.

Ёрро танҳо бимонӣ то ба кай?
Ғояти ин изтиробӣ, ҷони ман.

Ишқбозӣ сӯхтан бошад агар,
Пои мо дар ин танобӣ, ҷони ман.

Ишқро равшан кунад бедорӣ ар,
Бахти новарзида хобӣ, ҷони ман.

Чун Гулистон, дар ду олам гар равӣ.
Менаёбӣ, менаёбӣ, ҷони ман.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба пешам гар биёӣ, сарфарозам,
Туӣ танҳо анису дилнавозам.

Зи сӯзи ишқи ҳам то чанд нолем,
Аҷаб сӯзе, ки ман дил мегудозам.

Ҷудоӣ сози хуш асло надорад,
Ки бо ин рӯзгорон менасозам.

Надорад майли парвозе дили ман,
Чу мурғи хастаам, дар чанги бозам.

Гулистон рангу бӯи ишқ дорад,
Вале сӯи ту ин рӯи ниёзам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба фарёдам набошӣ гар муқобил,
Биё, бе руӣ ту мемирад ин дил.

Чӣ кӯтоҳ аст сози зиндагонӣ,
Аҷаб розест рози умр мушкил.

Аҷаб ҳайф аст умри одамизод,
Ки чун бигзашт, ояд хуфта дар гил.

Таваккалро Гулистон бар Худо кун,
Ки рӯзе бо ғами ҷон мешавӣ сил.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй боди сабо, биёр моро,
Пайғом аз он нигор моро.

Имрӯз фалак ба мо чӣ дорад,
К-ӯ нестӣ интизор моро.

Бе коми рухаш фигор гаштам,
Ӯ сӯхта бешарор моро.

Нолам шабу рӯз аз ғами ӯ,
Ӯ кушт ба ин хумор моро.

Доғи дилам аз ғамаш чӣ дорад?
Ӯ дошт чӣ беқарор моро.

То кай ғами ҷон кашад Гулистон?
Афсона бигӯ зи ёр моро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кӯлоб хуш аст, ҷои хубони ҷаҳон,
Неруи садоқат аст мири Ҳамадон.

Тоҷи сари ҷумла мардуми мо бошад,
Ӯ ҳамдаму ҳамдил асту ҳам марҳами ҷон.

Сад бор ба даври сари ӯ мегардам,
Аз ӯст маро саломати рӯҳи равон.

Дар дафтари ман номи хушаш мемонад,
Моем, ки аз марҳаматаш бурда нишон.

Дар сина зи меҳри ӯ, Гулистон, дорам
Иқболу саодатеву хуш бахту амон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дили ман моили дарёст, ба дарё фиканам,
Чашм бар манзари саҳрост, ба саҳро фиканам.

Нашавад гӯши фалак оҳи дили пурдардам,
Хотири ишқ гарон аст, ба даъво фиканам.

Оташи ишқ чӣ дорад, ки ҳама месӯзам,
Назари хеш зи ин кӯй ба ҳар ҷо фиканам.

Мояи сарвати ман он рухи зебои ту бод,
Хор бар сина халад, шавқи таманно фиканам.

Бо гуноҳи дили шӯрида шудам олуда,
Оқибат кохи адоват ҳама аз по фиканам.

Эй Гулистон, ғами имрӯз чу фардосоз аст,
Назари тозаи имрӯз ба фардо фиканам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ

Орзу дорам, ки умре дар ҷаҳон
Ҳамсадо бошам ба сози дӯстон.

Душманӣ дорад бапо паркандагӣ,
Ҷамъ бояд гашт дар ҳар ину он.

Дӯстӣ орад шарофат баҳри мо,
Дар амон бошем, оре, дар амон.

Дӯстӣ поянда бодо то абад,
Дӯстиро мекунам пайванди ҷон.

Ҳар ки дорад донишу ақлу хирад,
Неку бадро фарқ созад дар миён.

Дӯстӣ то ҳаст, одам зинда аст,
Эй Гулистон, дӯстонро қадр дон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❁ ꕥ

Эй ёри маҳҷабинам, мислат ҷаҳон надида,
Гулрӯи нозанинам, мислат ҷаҳон надида.

Савдои ишқ дорам аз доғи ишқ умре,
Эй хотаму нигинам, мислат ҷаҳон надида.

Эй бо ту шод олам, эй бо ту шод одам,
Эй шаҳду ангубинам, мислат ҷаҳон надида.

Аз хандаат кунам гул, эй нағмаат чу булбул,
Дар роҳи ту нишинам, мислат ҷаҳон надида.

Кас нест дар ду олам монанди ту дилоро,
Эй дӯст, бар яқинам, мислат ҷаҳон надида.

Сидқу сафои ёрам будаст бар муродам,
Эй зеби ин заминам, мислат ҷаҳон надида.

Хуб аст талъати ту, хубониву шакарнам,
Эй себи остинам, мислат ҷаҳон надида.

Гулдастаи муҳаббат орад туро Гулистон,
Эй қисмати ҷабинам, мислат ҷаҳон надида.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй моҳи хубрӯён, саркардаи вафоӣ,
Андар раҳи садоқат, некист ошноӣ.

Бигрифт то раҳи ту ҳангомаи муҳаббат,
Аз пушти парда, ҷонам, чун моҳ менамоӣ.

Дод орзуи васлат дар ҷони мо ҳавасҳо,
Эй ҷони ҷумла ҷонон, ин гуна дилрабоӣ.

Ҳар нози ту пазирам, эй ҳамдами дили ман,
Эй орзуи ишқам, ҳоло ту дар куҷоӣ?!

Боре китоби ишқам аз шавқ гар бихонӣ,
Дар дил кунӣ ту ҷоям, ҳам дар дилам ту ҷоӣ.

То ҳаст зиндагонӣ, андар раҳи ту бошам,
Эй аз ту, ҷони ширин, дорам сари ҳавоӣ.

Дар дидаи Гулистон боз аст дафтари ишқ,
Он гуна ҳаст васфат,он гуна менамоӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ояд агар ӯ чу навбаҳор аз бари ман,
Равшан чу қамар шавад ду чашми сари ман.

Мурғони чаман ҷумла бихонанд аз ишқ,
Паймоншиканам зи нав расад дар бари ман.

Дар анҷумани ишқ сароем зи ғам,
Бо гӯши дил ин дам шунавад мазҳари ман.

Мерафт хиромидаву бо нозу адо,
Бо ҷилваву бо созу шарар дилбари ман.

Аз ишқ магӯ дигар Гулистон ҳарфе,
Раҳме бинамо ба дидагони тари ман.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Ҷабр ба ҷонам оварад ишқи нигори озарӣ,
Ҳуш рабояд аз сарам ҳурлиқову он парӣ.

Пой ниҳод бар дилам саркаши бевафои ғам,
Эй ҳама нози ошиқӣ, сабр зи сина мебарӣ.

Лаззате аз шароби ишқ чанд ки мекашад дилам,
Дар дили ту нуҳуфта бод аз ману ишқ боварӣ.

Тухми вафо накиштаӣ, бори ҷафои ту накӯ,
Ман чӣ кунам ба сози ту, кабки ҳилолӣ ё дарӣ?

Сарвари ошиқон бувад ошиқи рӯи Гулситон,
Қаъри дил аст ҷои ӯ бинӣ, агар ту бигзарӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сабзоро сабзапӯшам кардааст,
Ҷомаи ишқаш ба дӯшам кардааст.

Кай маро дил дошт парвои фалак,
Чашмаи ҳар дам ба ҷӯшам кардааст.

Маст будам аз шароби васли ӯ,
Дар фироқаш боданӯшам кардааст.

Мезадам ҳар гаҳ ба лутфи ӯ сухан,
Ҳамчу гунгу кар хамӯшам кардааст.

Эй Гулистон, хотири ишқ аст зӯр,
Дар вафояш сахткӯшам кардааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ишқ! Сӯзат чанд сӯзад ҷони ман,
Аз назокат об хӯрд имони ман.

Нолиши талхе диламро об кард,
Сӯзиши ишқ аст худ дармони ман.

Масту махмурам, зи армонҳои ишқ
Дар замон оварда буд даврони ман.

Ишқбозӣ ҷонфишонӣ будааст,
Бахти некӯ хоҳам аз яздони ман.

Фанд мехӯрдам зи махмурии ишқ,
Дур шуд аз сар ғами ҳиҷрони ман.

Ман будам вобастаи савдои дил,
Сарвати ишқаш будӣ эҳсони ман.

Эй Гулистон, ишқи аввалро нигар,
Мурда будам, боз омад ҷони ман!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ഇ ❀ ര

Алвидоъ эй ҷону ҷонон, алвидоъ,
З-ин ҷаҳон рафтӣ парешон, алвидоъ!

Хоб бинам лутфу эҳсони туро,
Карда ҷонатро ту қурбон, алвидоъ!

Панд медодӣ ту моро, эй падар,
Рафтаӣ бо амри яздон, алвидоъ!

Нестӣ аз пеши чашмам дур ҳеҷ,
Карда моро чашми гирён, алвидоъ!

Бас аламдорам бикардӣ, эй падар,
Оби чашмам рафт чандон, алвидоъ!

Сер чашмам нест аз дидори ту,
Кай туро бинам сари хон? Алвидоъ!

Дидаи ҳайрон Гулистонро, падар,
Мебарад сузи ту дар ҷон, алвидоъ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

Умр бигзашт, нотавон шудаам,
Чун ба ёди ту дар фиғон шудаам.

Фалак оин, ки дар ҷаҳон дорад,
Дар гузар тир аз камон шудаам.

Гар кунад хастадил назар сӯям,
Баҳри дил хаста бегумон шудаам.

Ҳар замон умр даргузар бошад,
Ин замон, шукр, комрон шудаам.

Вақти пирӣ ба дарду ғам гузарад,
Гӯӣ дур аз дами хазон шудаам.

Чун Гулистон гузашт аз олам,
Бингарӣ, хоки остон шудаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

꧁ ❀ ꧂

Эй биё, дарди дили озурдаамро чора кун,
Эй биё, савдои манро дар ҷаҳон ҳамвора кун.

Дарду ғамҳоям надорад ин замон ҳадду канор,
Эй биё, бо ман нишину ҳарфи ғам бекора кун.

Гаштаам маҳви ҷамоли бо малак олудаат,
Эй биё, боре дили савдоиро овора кун.

Пора гардидаст дил бе шӯълаи рӯят агар,
Эй биё бар сӯи мо, раҳме ба қалби пора кун.

Ҳар киро ишқаш кунад бечораву обу адо,
Эй биё, баҳри Гулистон қалби худро пора кун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сабр аз дили ман рабуда ҷонам,
Чандест ба ҳоли нотавонам.

Пурсӣ агарам зи ранги зардам,
Гӯям, ки зи дарди дил чунонам.

Аз сӯзи фироқи ту бисӯзам,
Ҳар пораи қалб ҳамзабонам.

Аз мулки вафо ба сӯям ои̅,
Масрур шавам, ки бо ту монам.

Сӯзам ба хаёли обаки сард,
Чун обаки сард дар равонам.

Таъхир макун, биё ба сайрам,
Ҳоло ки шукуфта Гулситонам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мусулмонро намезебад кару фар,
Баимонӣ, ғазаб дар худ фурӯ бар.

Чаро берун барой аз раҳи ҳақ,
Ки резонӣ зи худ ҳам болу ҳам пар?

Наояд бори кач асло ба манзил,
Чаро танро ҷудо месозӣ аз сар?

Агарки одамӣ, ақлат бар сар гир,
Нигаҳ дорӣ худатро аз лаби ҷар.

Чу ақл аз ганҷ пеш аст, эй Гулистон,
Худоё, ақл деҳ, пас дуру гавҳар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо ёди рухат дилам шарар мегирад,
Афсонаи ишқ гашта, дар мегирад.

Гар чашми дили маро рухат сер кунад,
Ҷону тани ман чӣ болу пар мегирад.

Эй ишқ, ба сӯзи ту шавам олуда,
Оҳи дили ман кӯҳу камар мегирад.

Ҳасратзадаем чанд дар кӯчаи ишқ,
Шӯридадилам, ки бахт сар мегирад.

Имони сарам аз пайи ишқ афтода,
Дар роҳи ҳавас кай кару фар мегирад?!

Аз ҳарфи гузаштаву бузургон дили мо
Аз баҳри вафо дурру гуҳар мегирад.

Дар гулшани ишқ Гулситон менозад,
То нахли умеди ӯ самар мегирад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй моҳлиқо, ту шӯҳраи кайҳонӣ,
Моил ба ҳама назокати ҷононӣ.

Аз дасти ту рафт сабру тоқат моро,
Таслим ба сӯзиши туам, медонӣ?

Чашми ту кунад назора дунёи маро,
Дар олами ман ҳамеша чун султонӣ.

Тахти ту, ки олудаи ишқам бошад,
Аз накҳати ишқи ман ту саргардонӣ.

Дар роҳи висол агарки қурбон бишавӣ,
Ҷурми ту мабод бо чунин қурбонӣ.

Аз дидаи Гулситон намегардӣ дур,
Чун ашк маро ҳамеша дар чашмонӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ишқ моро ид бошад ҳар замон,
Мерасад аз ин сарам бар осмон.

Гар бидонӣ, ҳар баҳори ишқи ман
Бар сарат резад чу борон ногаҳон.

Оламе аз ишқ обод аст бас,
Ишқро ҳаргиз набошад остон.

Ишқ касро менамояд бегуноҳ,
Ишқ бошад чун баҳори бехазон.

Пири мафлукӣ агар дар роҳи ишқ,
Ишқи покат менамояд дилҷавон.

Шӯълааш дилро мунаввар мекунад,
Аз ғамаш бар кас расад шаҳде ба ҷон.

Эй Гулистон, қалби зорат пур зи ишқ,
Роҳи ту аз ишқ бошад ҷовидон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гулҳинаи ишқ лолагун кард раҳат,
Маҳбуби манӣ ба он рухи ҳачму маҳат.

Гар менигарӣ ба сӯи ошиқ боре,
Қурбони ту дил шавад ба ин хуш нигаҳат.

Ҷӯ канда ба он чу тешаи фарҳодӣ,
Нахли дили ман сабз зи оби фараҳат.

Армон шиканам, чу меҳурбонам бошӣ,
Дар меҳру вафо дигар надидам шабаҳат.

Дар дасти ту ҳаст илоҷи армони дилам,
Бар дил ту шифо бахш, ки бахшам гунаҳат.

Аз расми вафо бигӯ, Гулистон, ҳарфе,
Ту Юсуфи Мисриву гувоҳем чаҳат.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

Биё, биё, ёраки хушкомуме,
Биё, биё, ёраки хушномуме.

Ёди туро бар сари худ ҷо кунум,
Биё, биё аввалу анҷомуме.

Шому саҳар мунтазирам бо умед,
Биё, биё, ҳар саҳару шомуме.

Акси рухат нур бубахшад ба дил,
Биё, биё, моҳи лаби бомуме.

Сӯзи муҳаббат ба дилам ҷо гирифт,
Биё, биё, ёри гуландомуме.

Мешавад иқрор ба худ Гулситон,
Биё, биё, ишқи туро ромуме.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕤ

Ҷавлонгаҳи ошиқона бунёд кунам,
«Оям ба гузаргоҳи ту фарёд кунам.»

Фарёди маро қабул фармо, ҷонам,
То кулбаи ишқи хеш обод кунам.

Чаҳ-чаҳ бизанам ба боғи дунёи дилат,
Эй ёри азиз, қалби ту шод кунам.

Эй навданиҳол, сарви бустони манӣ,
Хоки қадами ту бар сарам бод кунам.

Эй дилбари хушлиқову нозукандом,
Бо номи ту шеъри хеш эҷод кунам.

Селобаи ишқ бурд бар гирдобат,
Бо шасти вафо туро ман озод кунам.

Донӣ ту, ки Гулситон ҳавасҳо дорад?
Бинам рухи ту, тарки ғаму дод кунам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй Худо, аз баҳри кӣ парвонаам, парвонаам?
Эй Худо, аз баҳри чӣ афсонаам, афсонаам?

Худ намедонам ба ин дунёи дун кай омада,
Эй Худо, ин қадр ман девонаам, девонаам?!

Омадам, ки доимо гулҳо бичинам дар чаман,
Эй Худо, бар ёри худ ҷононаам, ҷононаам.

Ман ба фармони дилам, то ҳаст даври зиндагӣ,
Эй Худо, имрӯз дар завлонаам, завлонаам.

Қисматам, тан медиҳам бо додаи Парвардигор,
Кай ба доди қисматам бегонаам, бегонаам?!

Эй Гулистон, ҳеҷ гаҳ берун зи фармонаш марав,
Амри ҳақро то абад парвонаам, парвонаам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Соз саршоре зи ишқат ҷоми мо,
Эй маҳи хушпайкару хушноми мо.

Дар миёни осмон парвин расид,
Кай расад он мурғаки дар доми мо?

Хушхабар омад зи он ҳуру парӣ,
Мешавад охир ба ишқаш роми мо.

Донаи меҳру вафо додам ҳаво,
То парастуе расад бар доми мо.

Аз муҳаббат шод мегардад дилам,
Мерасад он шоҳи хушилҳоми мо.

Корвони ишқ меояд ба роҳ,
Ишқ меёбад, Гулистон, коми мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бори души зиндагӣ бар сар маро,
Мебарорад ранҷ болотар маро.

Гар набошад оби ҷӯи зиндагӣ,
Орзуе ҳаст аз Кавсар маро.

Ҳар киро бошад ба дил гар ин мурод,
Ормоне ҳаст ин довар маро.

Ҳар қадар наздик бошам пеши ёр,
Васли ёре ҳаст болу пар маро.

Лутф созад олами одам базеб,
Лутфи ӯ қимат зи сад гавҳар маро.

Нест дар олам касе душман маро,
Нест чун дар сина гарди шар маро.

Эй Гулистон, гар бидонӣ зикри Ҳақ,
То ба анҷом аст бору бар маро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мо ба даргоҳи Худо ҳар рӯзу шаб
Тавбаҳо дорем, ҳам зикре ба лаб.

Не ҳаросе ҳаст моро аз касе,
Не бувад парвои бими рӯзу шаб.

Нотавонӣ нест моро ҷо ба дил,
Сабру тамкин аст моро з-ӯ талаб.

Мо ба ин дунё ба уммед омадем,
То ки дарёбем ҳар ҷое адаб.

Эмин аз ранҷу ғамам дор, эй Худо,
Зиндагӣ некӯст бо базму тараб.

Мекунад тавба Гулистон ҳар замон,
Мераҳон, ё Раб, ту ӯро аз ғазаб.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳавас омад Худоё, шод кардем,
Мақоми орзу обод кардем.

Будем аз дасти ишқаш саргароне,
Ба қалби худ ҳама бунёд кардем.

Ба боми ишқ шуд парвози ин дил,
Ҳама дорои беимдод кардем.

Надорад ишқ бар худ посбоне,
Ки мо ҳар карда чун Фарҳод кардем.

Замини ишқи мо шуд сабзпӯше,
Зи шодӣ шеърҳо эҷод кардем.

Гулистон, сабз дар ишқи баландат,
Зи ғусса қалби худ озод кардем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар ҳусну дар латофат он маҳ ҷаҳон гирифта,
Аз ишқу сарвати дил дар ҳар замон гирифта.

Хелидаи ҳавасҳо, болидаи нафасҳо,
Олудаи ба ҳарфаш дар ҳар забон гирифта.

Кардам дароз дастам то ӯ расад ба шастам,
Оваҳ, чи карда дастам, аз вай зиён гирифта.

Дар гирдбоди ишқаш по мезанему дастак,
Ки ҳаст дастболо он, ки ҷаҳон гирифта.

Донам зи ишқи ӯ не оби ҳаёти моро,
Болотар аз ҳаёт аст, то ҷовидон гирифта.

Хоҳам бибинамат боз дар боғи ошноӣ,
Эъҷози ишқ дидам, то осмон гирифта.

Овозаи ҷамолаш афрӯхт бар камолаш,
Бунёд ишқ дорад, то Каҳкашон гирифта.

Донӣ, дили Гулистон аз ишқ роз дорад?!
Дар шохаи садоқат ӯ ошён гирифта.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Меравад охир баҳори зиндагӣ,
Ҳамчу барг аз шохсори зиндагӣ.

Зард мегардад ҳама бору бараш,
Чанд мебинам ғубори зиндагӣ?!

Сабз мехоҳам ҳама дидан варо,
Сабзгуне баргу бори зиндагӣ.

Офтоби бахт, мехоҳад дилам,
Гарм бошад аз шарори зиндагӣ.

Эй Гулистон, шукр гӯ аз бахти худ,
Бингарӣ зебо нигори зиндагӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Муборак бахти некӯ ёри моро.
Сафои дидаи бедори моро.

Ба дармон мерасад инак, муборак,
Табиби ин дили бемори моро.

Ба зорӣ мекушад он шӯхи якто
Шабе охир дили пур зори моро.

Намепурсад касе ҷуз ҳасрати ӯ
Дили озурдаву афгори моро.

Гулистон шеър мегӯяд, ки ёбад
Ба олам ҳар касе асрори моро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй дӯст, ҳамеша шод монӣ,
Ҷовид ҳаме ба ёд монӣ.

Аз дӯст маро мурод ҳосил,
Поянда ба эътиқод монӣ.

Ман шеър сурудаам, ки хонӣ,
Бошад, ки ту дар савод монӣ.

Аз меҳри ту гарм синаи ман,
Пайванд ба эътимод монӣ.

Дар ишқ ба хотири Гулистон,
Эй марди ирода, род монӣ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аҷаб омад маро аз ҳусни рӯяш,
Гуворо мерасад он атру бӯяш.

Насими фораме аз боди роҳаш,
Дилам дар банд дорад тори мӯяш.

Чу боди субгоҳон ногаҳонӣ
Димоғолудаам аз оҳи кӯяш.

Нишонаш аз кӣ пурсам? Аз кӣ ҷӯям?
Куҷо роҳе, ки меорад ба сӯяш?

Нигаҳ дорӣ, Худоё, укдаи дил,
Ки раҳ хоҳам барам бар ҷустуҷӯяш.

Гулистон, лаҳзаҳои шодмонӣ
Накӯ хоҳӣ, бубин рӯи накӯяш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дӯстиро пос дорам ҳар замон,
Меситоям аз макон то ломакон.

Дӯстон, бо ҳамдигар шодӣ кунед
То даме бошад, ғанимат ин ҷаҳон.

Сӯҳбати ёрон ғанимат будааст,
Ин паёми нек бар ёрон расон!

Дастгири дӯстон шав ҳар нафас,
Шӯҳрате бар ту расад аз ину он.

Гулситон, боғат муаттар мешавад,
То ту ҳастӣ дар ҳузури дӯстон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

Дили мо бурд ба як ҷилва рухи зебояш,
Хок шуд оҳ, дили ғамзадаам дар пояш.

Ҳар гаҳе мегузарад ишвакунон аз назарам,
Мекунад обу адоям қадаки раънояш.

Ҷамъ хоҳад шавадам ҳасрати дил бо ғами ӯ,
Натавонам, ки бубинам ба нафас танҳояш.

Мо ҳаме аз ғами ӯ хору харобем ба даҳр,
Нест ӯро нафасе аз ғами мо парвояш.

Меравад зору низор аз ғами ӯ кӯи ба кӯ,
То ба кай зор чунин монд дил аз савдояш?

Эй Гулистон, ту харидори рухаш бош мудом,
Чун ту дар аҳду вафо нест касе шайдояш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Пеши ман эй ёри ситамгар биё!
Эй назари нек, ба манзар биё!

Зиндагӣ бо рӯи ту ширин шавад,
Бар самари шир чу шаккар биё!

Масту хамӯш ой ба сарвақти дил,
Баҳри вафо бо майу соғар биё!

Шеваи дил хоҳ, ба пайванди дил
Дилшуда о, дар бари дилбар биё!

Дур марав, дур марав аз барам,
Чашми низорам ба раҳат тар, биё!

Сӯи Гулистон нигаҳи нек кун,
Гул ба кафу гул ба бару сар биё!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй Худо, ранҷи маро кам кун,
Қалби зорам шоду беғам кун!

Навниҳоле ман дар ин боғам,
Бор овар, шохаам хам кун!

Меҳрро дар синаам афзой,
Ҳамнишини ёру ҳамдам кун!

Дар диёри ноумедиҳо
Ишқи покамро чу парчам кун!

Лутфу эҳсонам ато кун беш,
Дар саховат ҳамчу Ҳотам кун!

Хоки манро сарви эҳсон кун,
Чашми манро дар раҳаш нам кун!

Ин Гулистон махзани лутф аст,
Дарди ҷонашро ту марҳам кун!



*бароu мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Умр фарёдест, ман девонаам,
Он фусунбоз аст, ман афсонаам.

Бас хаёле аз сари ман бигзарад,
То даме ин шамъро парвонаам.

Эй Худо, ҷони маро бо ман расон,
Дар хаёли рӯи он ҷононаам.

Зиндагӣ бигзашт, мондам бехабар,
То кунун бар ҳоли худ бегонаам.

Шукр гӯям бахтро бо ёри худ,
Пойбанди ин дару ин хонаам.

Эй Гулистон, ишқ дорад ихтиёр,
Ҷовидон сармасти ин паймонаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй куҷои ошиқи бебоки ман,
Ёри дар сози вафо чолоки ман?

Зор мирам, гар набинам рӯи ту,
Дер ой гар, бубинӣ хоки ман.

Бар сари гӯрам нишинӣ як даме,
Ёд орӣ рӯзгори поки ман.

Мерасад аз гӯр бар гӯшат шунав,
Нолаву фарёди қалби чоки ман.

Эй Гулистон, чанд сӯзӣ аз алам?
Раҳм овар бар дили ғамноки ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чаро аз бевафоӣ доғ мемонад дили моро?
Ба ҳарфи носазое доғ мемонад дили моро?

Ту мегӯӣ, ки қадри ошноиро надонистам,
Зи гуфтори ҳавои доғ мемонад дили моро.

Чӣ сел аст, ин ки соҳилҳои дарёро занад доим,
Хаёли бенавое доғ мемонад дили моро.

Туро ҳар рӯз мепурсам, туро ҳар лаҳза меҷӯям,
Намедонам кучҷоӣ, доғ мемонад дили моро.

Маро оромии беҳарфи ту овард мушкилҳо,
Зи ҳар шӯру садое доғ мемонад дили моро.

Гулистон, дар шукуфтан бод ишқи накҳатафзоят,
Ки асрорат ба ҷои доғ мемонад дили моро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чанд умре гар бубинам, оқибат гардам ҳалок,
Роҳи мо ояд ба боло, ҷисми мо ояд ба хок.

Пайкари моро набигзоранд дур аз чашми мо,
Қомати мавзуни моро нест пеши марг бок.

Менабинам бори дигар чеҳраи дунё чунон,
Оҳ, оҳ аз дасти ин ноаҳл дорам қалби чок.

Аз гуноҳу аз савоби мо кӣ донад ғайри мо?
Ҷуз Худо дигар намедонад касе ин ҳарф пок.

Эй Худо, эмин ту моро дор аз рӯзи ҷазо,
Ман Гулистонам, диле дорам ба ёдат дарднок.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Зи сӯзи сина акнунам ғами олам фузун омад,
Ки гӯӣ бар сарам аз ишқ ғавғои ҷунун омад.

Ба ҳар пасту баланди зиндагонӣ шукр мегуфтам,
Чу кардам сабр бас, оҳанги фарёд аз дарун омад.

Ба душам бор мешуд эътибори миннати дунё,
Ки аз ғамҳои ин олам маро бахти забун омад.

Ғами дунё ба одам зарбаи бисёр медодаст,
Дилам чун лола хун бигрист, балки лолагун омад.

Гулистон, кӯҳи ғамро дидаӣ имрӯз дар роҳат,
Дигар бо ин чӣ месозӣ, ки чун аз дида хун омад?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Он моҳи нозанинам дигар намо надорад,
Кас ёри мо надидаст, чун дилрабо надорад.

Ҷо шуд ба дил ҳавояш, ин аст ҳолати ишқ,
Дар кӯи меҳрубонӣ бар мо хато надорад.

Ӯ сӯзи ҷони моро дигар раво надонист,
Ҷабру ҷафо нагӯям, ҷабру ҷафо надорад.

Раҳм аст бо кас ӯро, ин аст давлати ӯ,
Бар ҳолати муҳаббат чуну чаро надорад.

Бӯи вафо муборак аз ошнои дерин,
Бо ин ҳавас дилам ҷуз созу наво надорад.

Сар то ба по садоқат бошад дили Гулистон,
Зеро садоқати ишқ шоҳу гадо надорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Be рухи он моҳи гардун оҳу афғон мекашам,
Доғ-доғи зиндагӣ аз шоми ҳиҷрон мекашам.

Ғуссаборонам ба ҷон ӯ кард аз дарди фироқ,
Тоби ҳиҷронаш бувад то дар танам ҷон, мекашам.

Мешавад лабрез то паймонаи аҳдам, нигар,
Дардро дар сина бо оҳанги дармон мекашам.

Чашми раҳпоям намеояд ба пиндори рақиб,
Бо хаёлаш хешро аз банди зиндон мекашам.

Ҷони манро ӯ чу мебошад биҳишти ҷовидон,
Аз барои ӯ ба ҷон дарди фаровон мекашам.

Медиҳад осоиши ҷон накҳати хушбӯи ёр,
Ҳасрати дидори ӯ ҳамчун Гулистон мекашам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Савдои ишқи ёр ба сар дорам, эй Худо,
Пироҳани умед ба бар дорам, эй Худо.

Ақлу ҳуши манро бубарад ҳусни он ҷамол,
Шодам, ки сӯи ёр назар дорам, эй Худо.

Арзи дилам ба гӯши фалак мебарам мудом,
Бингар, ки шӯри Шамсу Қамар дорам, эй Худо.

Дар ҳар нигоҳ рашк барам бар ситораҳо,
Паймони ишқ шому саҳар дорам, эй Худо.

Мастии васл беш ба ҷон дидаам, хушо,
Соғар ба каф, зи ишқ агар дорам, эй Худо.

Эй дил, ба сози ишқи Гулистон чӣ мекунӣ?
Пайғоми васл, сӯзи ҷигар дорам, эй Худо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чу сабрам рафт, дил бар дод омад,
Хаёлам банди ин фарёд омад.

Камар бастам ба қасди дидани ӯ,
Умеди диданам барбод омад.

Ҷамолу чашми масташ дил зи мо бурд,
Ба дил бори ғамаш озод омад.

Намудам бори ишқаш бар дилам ҷо,
Ба сар чун тешаи Фарҳод омад.

Маро ғам кушт дар роҳи висолаш,
Ба ҳоли банда дидам, шод омад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Хуршедкулаҳ, эй маҳ, як бор назар моро,
Кай бошаду кай бошад, ёбӣ ту хабар моро.

Дурӣ ба ҷудоӣ дод роҳи ману роҳи ту,
Ин аст агар қисмат, бад шуд зи батар моро.

Боре ба нигоҳи худ бингар, ки чӣ бо мо шуд,
Дар роҳи ту музтар шуд симову басар моро.

Аз ашк наменолам, аз нола асар н-ояд,
Бишкаст ба бедодӣ болову камар моро.

Мо бандаву банди ӯ, дар банди каманди ӯ,
Ду дидаи тар бошад аз ёр самар моро.

Ин аст Гулистонро подоши вафо, эй ҷон,
Бигзашт, ба сар ояд сад бори дигар моро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ишқи покам дар ҷаҳон афсона шуд,
То маро ин дил сари паймона шуд.

Ман надонистам чӣ сон афтодаам,
Ихтиёри дил пайи ҷонона шуд.

Сӯи дил гуфтам, даме ором шав,
Дил ба фарёд омаду девона шуд.

Ҳар чӣ бодо, аз пайи дил меравам,
Мояи ҳастӣ ҳамон якдона шуд.

Мастии дил ёфт то чашми сарам,
Ёри ман паҳлуи ман дар хона шуд.

Эй Гулистон, мешавӣ рӯзе хабар,
Ошиқонро кӯи ғам кошона шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Накҳати боди баҳор аз нав ба ҳуш орад маро,
Бар дили осуда оҳанги хурӯш орад маро.

Синаам оташ гирифт аз оташи ишқаш чунон,
Бо карашма аз дигар дар сина ҷӯш орад маро.

Ташнагӣ дорад дилам, сӯзе чунон хоҳам ба ҷон,
Орзуи мастии май бонги нӯш орад маро.

Ошкоро хоҳам аз ишқаш садо боло кунам,
Ҳарфи эҷоди муҳаббат пардапӯш орад маро.

Мекашам то чанд бори ишқ бе радду бадал,
Бори ҳиҷрон аст бори ғам, ба дӯш орад маро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Наёбам аз ғами дунё раҳоӣ
Зи дасти дарду доғи бенавоӣ.

Чаро будаст қисмат нобаробар,
Ки бархе шоҳ, бархе дар гадоӣ?!

Намонда одамиро раҳму шафқат,
Надорад дӯст майли ошноӣ.

Ба дилҳо сард шуд сӯзи муҳаббат,
Миёни ошиқон шуд бевафоӣ.

Замона дигару шуд ишқ дигар,
Надорад қалби ошиқ рӯшноӣ.

Гулистон медиҳад панди садоқат,
Ба гӯши ҷон бубар бо дилрабоӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Маро аз ишқ ин паймон хуш омад,
Ки он дилбар ба кӯи ҷон хуш омад.

Чу кардам орзуи талъати ӯ,
Зи ҳуснаш партави тобон хуш омад.

Худо пайванд моро чун ба ӯ кард,
Паёми васл бар ҳиҷрон хуш омад.

Чароғи ишқи ӯ рӯшангари раҳ,
Хумори бода бо паймон хуш омад.

Пазирад ишқ бетобӣ, муҳаббат,
Давои дарди бедармон хуш омад.

Чу гуфтам: Ташна месӯзад Гулистон,
Зи чашмаш нам-нами борон хуш омад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Маро бар худ бихон, эй ёри ҷонӣ,
Ки ҳоли ошиқонатро ту донӣ.

Дилам пур гашт аз дарди муҳаббат,
Зи дидори ту ҷӯям меҳрубонӣ.

Биёбони хаёлам хушк тобад,
Ба коми ташнагон оби равонӣ.

Ду чашмат наргиси мастанд, эй ҷон,
Ба қомат сарви боғу бӯстонӣ.

Ҷудоӣ доғи дил орад касонро,
Маро бо худ бубар, то метавонӣ.

Ҳавои гул ба сар дорад Гулистон,
Ту-аш боди саодат мерасонӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сӯзи дил сози гуворо дорад,
Ишқро машъала боло дорад.

Шавад обод зи ин маҳфили ман,
Ёр аз ишқ таманно дорад.

Интизор аст ду чашмони сарам,
Майл то бар тарафи мо дорад.

Шукр гӯям ба ҳама доди Худо,
Давлат ин аст, ки ин ҷо дорад.

Шуда имрӯз ҳама моили ӯ,
Роҳи имрӯз ба фардо дорад.

Ба Гулистон чу насими саҳарӣ
Назари дидаи зебо дорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ишқи балоҷӯи туам чора кард,
Ин ки ба думболи ту овора кард.

Ҷилвакунон мегузарӣ аз назар,
Нози туам лахти ҷигар пора кард.

Боли ғурурам ҳама дар хок хуфт,
Тири нигоҳат ба дилам кора кард.

Эй ҳама саршори таманно туӣ,
Ишқи туам куштаи садбора кард.

Ғунча ки гул гашт, Гулистон шавад,
Боди сабо домани гул пора кард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ёри ман девонагӣ бунёд кард,
Ишқро бо сӯзи дил эҷод кард.

Ноз кардам, рӯ дигар сӯ тофтам,
Ӯ ба ин бедоди ман имдод кард.

Шиква кардам, омадам сӯяш ба ғам,
Ӯ маро аз қайди ғам озод кард.

Раҳматаш хонам ба ёри раҳмдил,
Ҳамраҳам шуд, хонаам обод кард.

Ман нагирям аз барои зиндагӣ,
Қалби ғамолудаамро шод кард.

Эй Гулистон, ишқи ширин хоҳамат,
Бо ту ӯ бунёд чун Фарҳод кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Чашми дил дорам ба сӯи пуштаҳо,
Шод меоям ба бӯи пуштаҳо.

Ҳасрати ҷони маро афзун кунад
Раҳ ба сӯи ҷустуҷӯи пуштаҳо.

Аз баҳорон ёдгори дигар аст,
Сабз тобад пушту рӯи пуштаҳо.

Лаҳзаҳоро мешуморам ҳар нафас
Аз баҳори кӯ ба кӯи пуштаҳо.

Мекашад ҳар лаҳзаам ба худ бадар
Бо ҷавонӣ орзуи пуштаҳо.

Аз Гулистон мерасад инак паём
Бо таманнои нумӯи пуштаҳо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

༺ ❀ ༻

Озори беш орад як рӯз шодмонӣ,
То кай ҷудо нишастан, баргӯй, ёри ҷонӣ?!

Бар тоби чарх гардун имрӯз гашт гардон
Боре ба бахти ёрон аз бахти осмонӣ.

Бар тору пуд печид ҳам риштаи муҳаббат,
Эй кош, бори ғамро аз дил бадар биронӣ.

Бедоди ишқ дорад ғамҳои бевафоӣ,
Дар ишқ бар вафо кӯш, дур аз ҷафо бимонӣ.

Як гул ҷудо намонад, эй кош аз Гулистон,
То боди раҳ намояд бо шавқ гулситонӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй гул, ба ҳусни рӯят дар ҳеҷ раҳ надидам,
Равшан зи тоби рӯят дар шом маҳ надидам.

Дар ҳусну дар латофат монанди ту наёбам,
Абруву чашму рӯят дар ин нигаҳ надидам.

Шуд қасди ҷони ёрон нозу адои ширин,
Гар бӯсаат рабудам, бори гунаҳ надидам.

Дар ҳусн беназирӣ, яктоӣ ҳамчу Юсуф,
Ҳусне чунин ба хорӣ дар ҳеҷ чаҳ надидам.

Мо хоксору аммо ту худписанд гаштӣ,
Бигзашт умри ширин, болову таҳ надидам.

Бишкуфт ҳасрати гул аз хотири Гулистон,
Ҳаққо, ки азми ишрат дар базми шаҳ надидам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

То дард синасӯз аст, дилдор дар азоб аст,
Армони васл дорам, то умр дар итоб аст.

Боре табиби дил шав, андар вафо биёвез,
Бархез гӯ дилеро, к-аз дарди ишқ хоб аст.

Аз қиссаҳои ширин бедод хонда будам,
Ин қиссаи муҳаббат дар банди сад китоб аст.

Оромии дили кас меҷӯй дар садоқат,
Зеро ки худ садоқат ба ҳар диле савоб аст.

Гоҳе қадам бимонӣ аз кӯчаи Гулистон,
Бӯи гулоб ҷуӣ, чун умри гул зи об аст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Шаби васл омаду хомӯшам ман,
Аз ғами умр фаромӯшам ман.

Ба хуморам нарасад бодаи ноб,
Бодаи ишқ чу менӯшам ман.

Ҳама мастанд гар аз бодаи ишқ,
Чист ин бода, ки мадҳушам ман?!

Ҳарфи ишқ аст, ки раҳомӯз аст,
Панди ин қоида дар гӯшам ман.

Эй Гулистон, чӣ гарон менолам,
Ишқ борест, ки бар дӯшам ман.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҷони ман, гардидаам пазмони ту,
Ёд кардам чеҳраи хандони ту.

Дар фироқат синачокам, синачок,
Ошиқам ман бар лабу дандони ту.

Бевафоиву ҷудоӣ то ба кай?
Орзуям сояи миҷгони ту.

Ман гирифторам ба дарди бедаво,
Чорае набвад ба ҷуз дармони ту.

Ман Гулистонам, ту абри раҳматӣ,
Ташнаам бар қатраи борони ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун дил ба диле расида дар банд шавад,
Ду шохи ниҳоли сабз пайванд шавад.

Базму тарабу шодию оҳанги суруд,
Рақсу ғазалу тарона даҳчанд шавад.

Лабҳои тари арӯс бар коми шаҳаш
Ширин зи наботу лаззати қанд шавад.

Парвардаи ишқу ошиқӣ пайваста
Он гуна, ки дар фасона бошанд, шавад.

Он гуна арӯс ашки шодӣ резад,
Ин гиряи бебаҳона лабханд шавад.

Бишнав зи арӯс чун Гулистон гӯяд,
Ин гул зи дами сабо фараҳманд шавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар кучӯи ҷони ман, то чанд пазмони туам?
Эй биё, бингар, ки дар ин хона ҳайрони туам.

Чок кардӣ синаам бо ханҷари ҷабру ҷафо,
Гар бидонӣ, пойбанди дарди ҳиҷрони туам.

Кулфату ғам то маро ғамдори дунё кардааст,
Ҷони ман, то зиндаам, они туам, ҷони туам.

Қоматам хам гашт, кай бошад асои ман шавӣ?
Бо қади хамгаштаам қурбони пайкони туам.

Гар бимирад ин Гулистон бо дили захмии ишқ,
Шиквае бошад ба дил аз ишқи пинҳони туам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Худовандо, ба ҳаққи қадрдонӣ,
Ту медонӣ маро дар зиндагонӣ.

Ҳар он чӣ ҳаст дар ман, додаӣ ту,
Туам рӯзе ба мақсад мерасонӣ.

Нагирам ман нафас бе ёди рӯят,
Ки ашкам бо сад армон мечаконӣ.

Агар тан бошад, инам офаридӣ,
Ки дар дунёи ман рӯҳӣ ту, ҷонӣ.

Ҳамеша дар забонам номи некат,
Гулистонро ту ёри меҳрубонӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кошки аз кӯи ман созӣ гузар,
Дар дилам ҳасрат намемонад дигар.

Эй маро савдои ишқат ҷовидон,
Эй ба савдои дилам боре назар.

Ҷони ман аз ҳасратат лабрез шуд,
Аз дили лабрези ман ёбӣ хабар.

Қалби ман саршор аз меҳру вафо,
Лек аз ҳаҷрат шавад рӯзе бадар.

Гар хабар дорӣ ту аз ғамҳои ишқ,
Сахт месӯзад дилам ҳамчун шарар.

Ашки хома рез-резон аз ғамат,
Аз ту меҷӯям, Гулистон, шавқи пар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман аз ҳар қатраи оби Ватан шодоб мегардам,
Ба ҳар як заррааш хуршеди оламтоб мегардам.

Ватан бошад бароям модари ғамхору ҷонпарвар,
Ба ҳифзи зарраи хоки Ватан бехоб мегардам.

Намехоҳам димоғ олудан аз хоки раҳи ғурбат,
Ба тори бенавояш зарбаи мизроб мегардам.

Чу ҳарфи созгор андар китоби қиматаш монам,
Ба паймони Ватан шоистаи ҳар боб мегардам.

Гулистон, зебу фар мебахш бар хоки
Ватан-Модар,
Ба марзаш мешукуфам, дар вафояш об мегардам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пеши ман ҳар гоҳ бо ҷӯш омадӣ,
Эй ба комам бодаи нӯш омадӣ.

Аз бароят чашми чорам ин замон,
Балки чун гул дар баногӯш омадӣ.

Кош медидӣ, ки хуш бошад дилам,
Гулбасар, гулчеҳра, гулпӯш омадӣ.

Аз бароят чанд месӯзам, биё,
Гулнамо, гулдаст, гулҷӯш омадӣ.

Меравад ақлу ҳушам аз диданат,
Эй биё, бар сар маро хуш омадӣ.

Гар бубинӣ лолаи чашму дилам,
Хуш Гулистонро ба оғӯш омадӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бархе чӣ аҷаб кӯрдилу бебасаронанд,
К-аз ҳоли дили хастаи мо бехабаронанд.

На дӯст бидонанду на душман бишиносанд,
Ҳолест, ки ин ҷо ҳама хунинҷигаронанд.

Оре! Сухани нек аз он ёр шунидан
Хуш дору сано гӯ, ки басе бадгуҳаронанд.

Саф дар сафи мо рафта ҳама тӯдаи хоканд,
Бар тӯдаи ин хок чу мо бас дигаронанд.

Гар фаҳм кунӣ маънии ин олами моро,
Донӣ ту Гулистон, ки ҳама раҳгузаронанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чу донам ёр дилзӯз аст моро,
Шаби торик чун рӯз аст моро.

Бувад то умр, муштоқам ба рӯяш,
На ишқаш лавҳи мармуз аст моро.

Нигоҳаш мезанад новак ба ҷонам,
Чу пайкони ҷигарсӯз аст моро.

Хато гуфтам, зиёдат бод меҳраш,
Бе некӣ пандомӯз аст моро.

Гулистон, зинадгиро дида бо гул,
Ки бо ту умр Наврӯз аст моро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❧ ✿ ☙

Занӣ бар дигарон гар неш,
Чашӣ рӯзе ба ҷони хеш.

Агар озори кас хоҳӣ,
Дили худро намоӣ реш.

Чу бад кардӣ, машав шодон,
Туро ҳам мерасад аз пеш.

Машав бадгӯ, машав бадхӯ,
Гадо бишнос аз дарвеш.

Зи хулқи гург огаҳ шав,
Нагардад ошно бо меш.

Гулистонӣ ту, бо гул зӣ,
Зи бахти нек меандеш.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

Бо дилам шӯру шарарсозӣ макун,
Ин қадар бо ҷони ман бозӣ макун.

Аз чӣ созӣ оташи ишқам баланд,
Оташи ишқам сарфарозе макун.

Сар макаш аз хештан, боло мапар,
Бандаи хокӣ, фалактозӣ макун.

Бо халоиқ соз, бигзар аз ғурур,
Халқро аз хеш норозӣ макун.

Ишваро бигзор, ёри адл бош,
Марҳами ҷон бош, таннозӣ макун.

Дар Гулистон лаҳни булбул хушнавост,
Ҷони моро мурғи овозӣ макун.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Баҳри ман будӣ биҳиште ёди рӯи дӯстон,
Гар гиёҳи хушк будам, дӯст буд оби равон.

Неку бадро то ба ҳукми зиндагӣ бишнохтам,
Умри ман бо дӯстонам хуш бувад дар ин ҷаҳон.

Лаҳзае танҳо будан ҷонро гаронӣ медиҳад,
Дил ҳамехоҳад бубинам дӯстонам ҳар замон.

Лаҳзае серӣ надидам ҳеҷ аз дидори дӯст,
Бар давои дарди ман ҳам дӯстон дармони ҷон.

Эй Гулистон, «дар ҷаҳон бе дӯст будан
мушкил аст»,
Дӯстӣ некӯ бувад бо дӯстони қадрдон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз бори ранҷи дунё шуд қоматам хамида,
Рафтам зи дори дунё ман шодие надида.

Ҳар рӯз бар сари мо кулфат зи бандагӣ буд,
Ёрони ҷоннисорем, мо ҷомаҳо дарида.

Аз неку бад гаронӣ овард зиндагонӣ,
То ҷони худ раҳонам, аз роҳи ҳақ давида.

Ҷонам фидои номат, Яздони поки олам,
Бар қисмати ману мо нақше чунон кашида.

Афтодаем ҳар рӯз дар гирудори дунё,
Сайёди умр аз пай, мо оҳуи рамида.

Аз меҳр чун Гулистон гӯяд сухан, ба дафтар
Аз меҳри пур зи қалбаш ин ашки тар чакида.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Андар ин дунёи дун як даст бе душман набуд,
Бе баҳорон ҳеҷ гул дар боғи ин гулшан набуд.

Гар тавонӣ, нахли ҷон пайванд кун дар зиндагӣ,
Боғ бе пайванди сарву сунбулу савсан набуд.

Гар расад савти ҳазори боғ дар гӯши фалак,
Булбулонро шеваи сӯз аст, аз тантан набуд.

Ҳар кучҷое бингарӣ кӯҳу даманҳои қатор,
Зиндагӣ мард офарид, чун марг
мардафган набуд.

Эй Гулистон, васф кун дар шеърат аз
табъи баланд
Он, ки роҳи зиндагонӣ ҷуз фиребу фан набуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кош ман хок ба зери қадамат мебудам,
Ҳамдами қисмату ҳар бешу камат мебудам.

Гар ту баҳри дили бечораи ман ранҷурӣ,
Сарфароз аз ҳама ранҷу аламат мебудам.

Марди майдон шудаам аз алами ишқи ту ман,
Бандаи шеваи лутфу карамат мебудам.

Аз ғами ишқи ту гар ҳаст ғами дил моро,
Кош рӯзе ба вафо дар ҳарамат мебудам.

Рафт айёми ҷавонию дами умр гузашт,
Чун асо такягаҳи сарви хамат мебудам.

Эй Гулистон, сифати меҳр ба ишқаш гуфтӣ,
Кош он бода, ки дар Ҷоми Ҷамат мебудам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо ту мехоҳам, ки бошам ҳар замон
Ҳамдаму ҳамқисмату ҳамдостон.

Нахли сарви ман бароят гул кунад,
Дар шукуфтан бош, эй ороми ҷон.

Дар сарам андешае ҷуз ин набуд –
Фикри ободию фикри хонадон.

Аз пайи субҳи умед афтодаам,
Субҳи уммеди маро бошӣ нишон.

Кай шавад ҳосил муроди қалби ман
Бе ту, эй ҳамқисмати пур меҳрубон?!

Ту гули уммеду ман гулпарварам,
Бо Гулистон ҷовидон монӣ амон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҳангоми баҳор аст, биё, ҷон ба фидоят,
Ман дар ҳаваси дидани андоми расоят.

Оҳиста бимон пой, ки озор наёбад,
Аз ҷону дилам ҳаст ҳамин нек дуоят.

Гардун ҳамагӣ сайргаҳи покниҳод аст,
Чун мурғ занам бол ба оҳанги вафоят.

Бо нозу карашма чу хиромӣ бари дилдор,
Эй кош, шавад ҷону дилам маҳви ҳавоят.

Афтода ба гирдоби хаёливу надонам,
Эй кош, набинем гирифтори балоят.

Дар базмгаҳи ишқ, Гулистон, бисаро хуш,
Ҳангоми баҳор асту шавад ёр адоят.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Ҳар киро ёди биҳишт аст ба дил,
Дилбаре ҳурсиришт аст ба дил.

Интизори самар овард вафо,
Ҳосил он аст, ки киштаст ба дил.

Ман нахоҳам, ки муҳаббат шиканад,
Сад чу мо нома навиштаст ба дил.

Гила аз ишқ надорам, чӣ кунам?
Аз азал ишқ сириштаст ба дил.

Дил занад, сози Гулистон дорад,
Нағмаи ишқи фаришта-ст ба дил.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Шукри яздон мекунам, ҳосил фаровон омада,
Файзи борон аз сафои абри борон омада.

Сер гардад одамӣ, ризқаш фаровон мешавад,
Ҳосили дон аз замин инак дучандон омада.

Эй Худо, бар мардуми мо ризқи арзонӣ расон,
Рӯзии мардони олам ҳам ба имон омада.

Гашта мулк ободу зебо чун арӯси навбаҳор,
Ҳар ки заҳмат мекашад, роҳаш
дурахшон омада…

Ин ҳама ободии олам, Гулистон, давлат аст,
Ганҷи бепоёни олам баҳри инсон омада.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

Зар ситонад аз замин деҳқони олишони мо,
Хоки мо пурфайз шуд аз ҳиммати деҳқони мо.

Марди деҳқонро нигар фархунда асту
сарбаланд,
Ӯ фаровонӣ диҳад ҳар дам ба дастархони мо.

Рӯи дунё гашт обод аз талоши ҷаҳди ӯ,
Ҷони мо қурбони ӯ, чун ӯ бувад қурбони мо.

Ӯ бар ҳар навъе кунад рӯзӣ ато бар одамон,
Рӯзи мо фирӯз бод аз заҳмати мардони мо.

Эй мабодо, дард бинад дасти заҳматофарин,
Ӯ давои дарди ҷони мосту дармони мо.

Эй Гулистон, ин ҷаҳон ҳар гаҳ
гулафшон мешавад,
Серии рӯи ҷаҳон аз ӯст, ӯ эҳсони мо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Назар афканд сӯи ман, гумон овард шодиҳо,
Чу рафт, аз ҷабри ӯ бигзашт
аз мо шодбодиҳо.

Назар кардам ба оҳанги мурод
аз ҳар тараф сӯяш,
Басе нокомии ин даҳр дидам, номуродиҳо.

Зи қаъри синаву дил мезадам фарёди шукрона,
Ҳавои поси хотир медиҳанд ин завқдодиҳо.

Шунидам аз найи дил арзу доди ишқбозонро,
Ки ишқам кӯ ба кӯ овард, ҳайфи шаҳрзодиҳо.

Наёбад ҷой дар ин базм, базми ошиқон аст ин,
Зиёдат оварад аз ғуссаи ҳиҷрон зиёдиҳо.

Гулистон роҳпаймои раҳи ишқи равонсӯзӣ,
Пайи мардони раҳ мерав,
ки мардонанд ҳодиҳо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дилам лабрез аз шеъру тарона,
Нависам шеъри тар бо ин баҳона.

Дилам бо ёди ӯ дар ҷӯш омад,
Хушо он орзуи ҷовидона.

Кунам эҷод ашъори муҳаббат,
Ба доғи ишқ, завқи ошиқона.

Ҳазар бодо маро аз бадгумонӣ,
Ки ӯро дар ҷаҳон дорам ягона.

Нахоҳам чеҳраашро зардрӯӣ,
Ба шохи умри ман монад ҷавона.

Гулистон, шӯри нав афзой бар дил,
Ки гарди ранҷ хезад аз миёна.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо ғами рӯзгор чанд қалби фигор меравӣ?
Аз ҳамагон буридаӣ, баҳри чӣ кор меравӣ?

Бар сари роҳат омадам то нигарам ба рӯи ту,
Масти ҳавои бодаӣ, чашми хумор меравӣ.

Мегузариву меравӣ аз бари мо хамӯш чанд?
Бо дили ғуссабори худ аз бари ёр меравӣ.

Шуд дили ман ғуломи ту, бандаи ишқу номи ту,
Сабр намекунӣ, чаро банди виқор меравӣ?

Дидаӣ гар ба ишқи худ як нафаси муборакам,
Пас зи чӣ ёр, ин қадар хаставу зор меравӣ?!

Эй, зи канори Гулситон мегузарӣ ту дилситон,
Аз бари гул гузаштаву ҷониби хор меравӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Умр бигзашт, дида бас хорӣ,
Неку бад дидаму гирифторӣ.

Ҷовидон монад он, ки некӯ буд,
Эй Худо, бигзар аз дилозорӣ.

Чашм бикшову умрро бингар,
Ки чу ман доғ дар ҷигар дорӣ.

Пеши чашми касон чӣ менозӣ?
Магар аз мо надидаӣ ёрӣ?

То шавад борвар замини умр,
Чашми ман, ашки нарм meборӣ.

Дар Гулистони ишқ рӯяд гул,
Олами ишқро ту асрорӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шукри номат, эй Худои ломакон,
Мекунам шукронаи давру замон.

Хулқи хуш додиву автори накӯ,
Сарбаландам дар миёни дӯстон.

Нест моро кинае бо ҳеҷ кас,
Ҷовидонӣ нест кирдори ҷаҳон.

Мо ҳама гулҳои ин як гулшанем,
Дар шукуфтан буд бояд ҷовидон.

Нахли боровар ба ҷон овард бор,
Мебарам ҳар лаҳза номат бар забон.

Эй Худо, дорад Гулистон рӯзу шаб
Шукр, то монад баҳори бехазон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз партави ҷамолаш нуру зиё дамида,
Чашме чунон ба хубӣ рӯи ҷаҳон надида.

Дар базмгоҳи ишқаш мо бандаву ғуломем,
Дар гулшани висолаш дил аз ҳама бурида.

То гирбоди ишқаш печид домани ман,
Аз ҳуш мебарояд кӯи ба кӯ кашида.

Дар боғи гул шинонам аз ишқ нахли ёдаш,
Ашкам чу қатраборон аз дидаҳо чакида.

Шаҳди муҳаббат астӣ ширин чун орзуям,
Хуш бод ҳоли ёри бар коми дил расида.

Ё раб, мабод ранҷе бадтар зи ранҷи дурӣ,
Аз ҳаҷри ӯ, Гулистон, ҷон бар лабам дамида.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба номи Бӯалӣ хоҳам сароям,
Ба ашъори Ҳилолӣ ҷон физоям.

Зи панди Ҳофизи шӯридахотир
Дили шӯридаамро хуш намоям.

Зи Саъдӣ хонаму аз панди Ҷомӣ,
Зи Бедил фоли ҳикматро кушоям.

Чу дар шеъру сухан пандест ағлаб,
Ман аз ин дурри маънӣ меситоям.

Пур аз ишқ аст ҳар як гуфтаи шон,
Ба оҳанги муҳаббат ошноям.

Гулистон, то бувад ҳарфи бузургон,
Садо дорад навои дилрабоям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ

Ёро, чу кунӣ даме вафои дили ман,
Дар ишқ ба ҷон шавӣ адои дили ман.

Гар абри баҳор бар сари ман борад,
Борон ба сафо шавад давои дили ман.

Буд матлаби ман зи бахт рӯсурхию лек
Орад дили зард аз барои дили ман.

Гар чаҳ-чаҳи булбулон шунидӣ дами субҳ,
Медон, ки будаст оҳу садои дили ман.

Бишкуфтани ғунчаҳои гулҳои чаман
Оварда қарору ҳам навои дили ман.

Умри гузарон ба хуни ишқ олуда,
Ҳарфе назанад касе ба ҷои дили ман.

Донӣ, ки Гулистон шуда бас ғарқаи ишқ,
Ҳаргиз маписанд ин хатои дили ман.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Даштҳои зарнисорат, эй Ватан,
Хуш бувад бо рӯдборат, эй Ватан.

Бо ту бошам, сарбаланди оламам,
Шод монам дар канорат, эй Ватан.

Баҳри мо орад сафо меҳри хушат,
Ҷон фидои чашмасорат, эй Ватан.

Сайр хоҳам кард то бошад нафас,
Дар ҳавои лолазорат, эй Ватан.

Мерасад озодаву хуш бар машом
Боду борони баҳорат, эй Ватан.

То Гулистон ҳасту ин боғу чаман,
Кай равад аз сар хуморат, эй Ватан.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ཊ ❀ ཋ

Дорам талаб аз Худо, батадбир шавед,
Дар шеъру сухан чу шаккару шир шавед.

Чун шӯълаи моҳи шабравон нурфизо,
«Монандаи хуршед ҷаҳонгир шавед».

Чун ҳалқа агар бубаст пайванди даре,
Дар ҳалқаи асрҳо чу занҷир шавед.

Монандаи нахли навбаре ташнаи об,
Беғам ба муроди зиндагӣ пир шавед.

Гар боғи Гулистони дилам гулпӯш аст,
Дар боғи сухан шумо батаҳрир шавед.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои ҳар азизи Тоҷикистон
Ниҳоли дӯстӣ парвардам аз ҷон.

«Ниҳоли дӯстӣ гар бор орад»,
Саодат оварад бар коми инсон.

Дар ин дунёи фонӣ чанд бошӣ,
Шикастан боядат бар ком армон.

Ба қадри дӯстон бояд расидан,
Ғанимат ҳаст ин дунё ба ёрон.

Насими тозае аз боди субҳе
Диҳад ҳар баргро аз меҳр ҷавлон.

Фараҳбахш аст чун дилҳои мардум,
Худоё, дур бодо макри шайтон.

Гулистон, зиндагӣ бе дӯст мушкил,
Сафои дӯст хоҳад умри инсон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз ҳаҷри ту, эй дилбаро, ҷонам ба лаб омад,
бидон!
То кай кашам аз доғи ту ин нолаву оҳу фиғон?

Дилро ба дил роҳе бувад, боре биё бо
амри дил,
То ишқи пинҳонии мо пеши касон гардад аён.

Он гаҳ ки бо ҳам мешавем, хушбахти
олам мешавем,
Аз бахти хеш андеша кун, бигзар зи ҳарфи
дигарон.

Савдои ишқат хуш бувад, то ишқро оташ
зи туст,
Гӯши диле гар бишнавад, аз мо ҳамин
монад нишон.

Бошад Гулистон дар чаман аз ҳар
гули хушрангӯ бӯ,
Гарки наоӣ пеши ман, гулро расад
фасли хазон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Аз фироқат оҳи дил берун кунам,
Меҳри дилро баҳри ту афзун кунам.

Гар набинам чеҳраатро чанд рӯз,
Дидаи маҳзуни худ пурхун кунам.

Бӯи васли ёр меояд ба ҷон,
Ҷоми майро дар назар вожун кунам.

Чанд гирям дар фироқат рӯзу шаб,
Умри худ сарфи чарову чун кунам?

Гар набошӣ лаҳзае бо ёди ман,
Тарки ин афсонаву афсун кунам.

Эй Гулистон, ишқро афсона кун,
Қалби худро лолаи майгун кунам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ё раб, мабод ин дил аз ишқбенасибон,
Кас дар Ватан чӣ донад ҳоли бади ғарибон?

Дур аз Ватан надорад ёре ҳабиби дилро,
Ёрони ҷоннисоранд ҳар ҷо ба иззати ҷон.

Номӯсу нанг хоҳад дар дӯстон садоқат,
Маҳруми дӯст гардад ҳар кас надошт имон.

Бо дидаи дилоро парвард бахт моро,
Бо меҳри қалби ёрон ҳар мушкил аст осон.

Хоки Ватан муқаддас, сози муҳаббаттам дод,
То ҳаст зиндагонӣ, хуш бо Ватан Гулистон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шеър мегӯям ман аз давру замон,
Шеъри ҳайрат, шеъри ҳасрат, шеъри ҷон.

Симу зар авло надонам баҳри хеш,
Шукр мегӯям, ки ҳастам хушзабон.

Ман намесозам ба ҳар ҷо ман-манӣ,
Нестам гарчи ҳақиру нотавон.

Ҷой дорад шеъри ман дар ҷону дил,
Шеър мемонад зи умри ман нишон.

Таънае бар килки ман гӯянд агар,
Баҳравар будаст килкам ҷовидон.

Эй Гулистон, ҳеҷ гаҳ ғамгин мабош,
Боғи эҷоди ту монад дар ҷаҳон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❁ ꕥ

Барф меборад ба болои замин,
Нозуку озода, софу нозанин.

Менигар дайро, ки манзар офарид
Бар сафои рӯзгорон инчунин.

Шод шав, эй марди деҳқон, шод шав,
Мешавад кори ту зебо, дилнишин.

Соли нав пурфайз меояд кунун,
Барф меборад ба ранги нуқрагин.

Эй Гулистон, з-он, ки деҳқонзодаӣ,
Ҳосили ранҷат физояд, офарин!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бар ҷамолаш назар афтод, нигаҳ равшан шуд,
Роҳ кӯтаҳ шуду бахт омаду ӯ бо ман шуд.

Эй Худо, ин чӣ сафо буд, муборак бошад,
Қалби урёни маро ишқ чу пироҳан шуд.

Нарм омад, зи куҷо омаду то кай монад?
Ашк аз чашм шуду рафт, ки дар доман шуд.

Боварам рафт зи бедоду ғаму ҳасрати ӯ,
Ишқи покаш ба дил афрӯхт, ҳама гулхан шуд.

Ба Гулистон нигарӣ, сабзаву гул ранг занад,
Ки қабои гулу савсан ҳамаро бар тан шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй ҷони ман фидоят Парвардигори олам,
Эй бо ту ранг дорад ҳар ҷой кори олам.

Аз чор бурҷи дунё овардаӣ ту, бинам,
Аз обу хоки оташ, бод аст бори олам.

Одам зи чор унсур дар қолаби худ одам,
Бар хештан нидо кард аз ихтиёри олам.

Бар ҳоли носабураш омад маломати нафс,
То ҳаст нанг дорад Одам – низори олам.

Бингар ту ранги одам дар чеҳраи Гулистон,
Сад ранг ҷилва дорад гул дар канори олам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ജ ❀ ഷ

Ҳамчу хуршед аст рахшон марди нек,
Шоҳи завқи ҷумла хубон марди нек.

Зан бувад ҳусни ҷаҳон дар зиндагӣ,
Ҳаст марҳам, ҳаст дармон марди нек.

Зан бувад оби сафо дар хонадон,
Файз меорад сари хон марди нек.

Зан бувад сарчашмаи оби ҳаёт,
Бо сафояш нури имон марди нек.

Ҳусни зан монанди гулзор аст бас,
Парварад меҳри Гулистон марди нек.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Ҳарфе, ки дурӯғу бебақо буд,
Ин ҳарф газофу бесафо буд.

Мекӯш ба тоати фазилат,
Аз фазл, ки умр хушнаво буд.

Чун ростравӣ зи росткорист,
Кач меравад он, ки пурдағо буд.

Он кас, ки занад чу бадгуҳар лоф,
Гӯянд, ки марди бедадо буд.

Гӯянд, ки: «кач нишину гӯ рост»,
Кач рафтани дӯст аз хато буд.

Донӣ чӣ диле дили Гулистон?
Некӣ ба дилаш ҳамеша ҷо буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

⁂

Сабр аз дили ман рабуд он шаҳ,
Аз дарди дилам нагашт огаҳ.

Ҷону ҷигарам фидои номаш,
Кай ӯ гузаре кунад аз ин раҳ?

Ман сӯхтаву кабоби рӯяш,
Парво накунад ба ҳоли ин маҳ.

Дар он хабарам, ки чун Зулайхо,
Обам нарасад зи Юсуфи чаҳ.

Ҳар кас равад аз бари Гулистон,
Аз ғояти ҳусн гӯяд: «Оваҳ!»



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кори ту агар ҳалол бошад,
Ҳам бахти ту бемалол бошад.

Аз аспи ғурур мефуроӣ,
Гар пок дилат ба ҳол бошад.

Гар феъли ту бар ҳақиқат орад,
Фардои хушат ба фол бошад.

Аз фазл бузург гардад одам,
Фазл аст, ки безавол бошад.

Хуш бош ба дидани Гулистон,
Ӯро ҳаваси висол бошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Зи субҳ афрӯхтан то шом корам,
Ба роҳи ёр бинӣ чашми чорам.

Чу овард аз азал ҷонам Худоям,
Ба сар бигзашт дар ин раҳ ғуборам.

Маро дар панҷаи ҳайрат кашида,
Ки ишқат бори ғам дар сина дорам.

Намедонам магар аз ғуссаи дил
Манам, ки рӯзгоре дилфигорам?!

Гулистон нолаҳо дорад шабу рӯз,
Зи раҳ кай мерасад, эй дӯст, ёрам?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Гар ҷавҳари авҷгир хоҳӣ,
Бояд, ки ризои пир хоҳӣ.

Бе пир марав, ки мушкил ояд,
Бар ҷони худ аз чӣ тир хоҳӣ?

Гар зарраи хурд менамоӣ,
Бояд назари кабир хоҳӣ.

Гар дур равӣ зи панди пирон,
Худро ба боло асир хоҳӣ.

Таҳқири касон ба ҷон чӣ донӣ,
Худро ту агар ҳақир хоҳӣ.

Бигзар ба зиёрати Гулистон,
Гар шавкати беназир хоҳӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй модари ман, модари ман, модари ман,
Эй давлати ман, савлату бахти сари ман.

Рафтаст тавонаму мадорам имрӯз,
Бе рӯи ту нур рафт аз ахтари ман.

Монанди ту нест ёри дилсӯз маро,
Имрӯз ба хоки марқадат манзари ман.

Ояд ба хаёли ман рухи зебоят,
Дунёи ту рӯшан аст, эй сарвари ман.

Оям, ки ба хоки марқадат бӯса занам,
Фарёд кашам, ки рафтаӣ аз дари ман.

Ҷонам ба лаб омадаст аз танҳоӣ,
Ёди ту зиёда мекунад маҳшари ман.

Санги сари гӯри ту ба оғӯш кашам,
То ки нафасат расад ба бору бари ман.

Ёди ту ба дил ғами гаронам овард,
Огоҳ зи доғи дилу чашми тари ман.

Бо меҳр Гулистони ту ёдат орад,
Эй модари босахову хушгавҳари ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нур меборад, падар, аз рӯи рахшони шумо,
Шӯъла мехоҳам ба ҷон аз қалби сӯзони шумо.

Меҳри дил афзун намуда бар ҳавои бахти мо,
Давлати имони мо будаст имони шумо.

Халқ шуд аз раҳмати эҳсони Ҳақ номи падар,
Эй падар, моро ба ҳаст овард эҳсони шумо.

Ҷамъи мо шод аст ин дам пеши рӯи хонадон,
Ҷумла он ҷамъем аз ёди парешони шумо.

Хандаи зебост зеби чеҳраи мардони Ҳақ,
Мо ҳама шодем аз ин рӯи хандони шумо.

Серии чашм аст моро серии рӯи замин,
Чашмсери зиндагӣ гаштем аз хони шумо.

То Гулистон эътибори бахт пайдо кардааст,
Табъ ёраш гашт аз табъи гулафшони шумо.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй бародар, пос дорам, хони эҳсонам туӣ,
Обрӯю эътибори хонаву хонам туӣ.

Метаровад хуни ҳақ аз юмни ту дар ҷони ман,
Ҳастии ман, меҳри ман, имони ман, ҷонам туӣ.

Кам шуморам хешро аз ту, бародар, дар ҷаҳон,
Дасти боло, хони пур, бар дард дармонам туӣ.

Андар ин дунёи дун бе ту нахоҳам зистан,
Шодиву хушкомии ин давру давронам туӣ.

Дар барам ҳастӣ бародар, қомати ман рост ҳаст,
Байни ёрон бар сарам хуршеди тобонам туӣ.

Дар ду дида шафқати гарми дилу меҳри падар,
Ҷони ҷонам, қиблагаҳ, бобои Субҳонам туӣ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Сабрам гузашт аз пайи ҳусну ҷамоли ту,
Орад қарор абруи ҳамчун ҳилоли ту.

Андохт шӯру валвала ҷони маро ғамат,
Чун ихтиёр меравадам аз хаёли ту.

Шӯре дигар ниҳод дили хастаи маро,
Ҳоли маро бубин, ки бувад акси ҳоли ту.

Бар дил ҳазор захма занад дарди рӯи ту,
Моро дигар намонд ҳавову маҷоли ту.

Гуфтам, ки ёди мо накунӣ, боз карда ёд,
Ҷонам фидои он дили сӯям кашоли ту.

Гӯям ба ҳадди ишқ расидаст синни ту,
Бо мӯҳраҳои ишқ шумурдем соли ту.

Аз дарди ишқ раҳгузаре сӯи ҷаннатам,
Дасти дуо барам, ки набинам малоли ту.

Дорам талаб, зи каъбаи бахт ормон шикан,
Дар ҳар куҷо ҷавоб диҳам бар суоли ту.

Як баҳра бар зи ишқи Гулистон, ғанимат аст,
Парвози завқ медиҳадаш завқи боли ту.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сафо бахшад қабои шодмонӣ,
Бубинем эътибори зиндагонӣ.

Саманди орзуро пеш ронем,
Гузаргоҳ аст ин ҷо комронӣ.

Туро хуш бод айёми муҳаббат,
Агар бошӣ ту бо ёрони ҷонӣ.

Чу создӣ фарқ худ аз дӯст душман,
Ҳамеша дар амонӣ, дар амонӣ.

Сафо бахшад ба мо ҷони дубора,
Ба мақсад ҳамдами ҷонат расонӣ.

Сафои нур бахши маҳфилоро,
Ба коми дӯстон шаҳде чаконӣ.

Биё, бингар ба эъҷози Гулистон,
Ҷавонӣ кун, ҷавонӣ кун, ҷавонӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо ақлу хирад биё гули ноз,
Донам, ки туро накӯст ин соз.

Хоҳам ба ту бахту сарбаландӣ,
«Некӣ бикуну ба дачла андоз».

Хуш бош ба ҳукми шодкомӣ,
Сӯи ту диҳам ба завқ овоз.

Дар умр чу хоксор гардӣ,
Ҳар ҷост даре ба рӯи ту боз.

Гар нест ба мо-т нописандӣ,
Ҳоли дили худ намой иброз.

Беҳуда магӯй ишқи моро,
Бар кас макушой пардаи роз.

Ақл аст саодати Гулистон,
Хуш бод дили касон аз эъҷоз.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мусулмонро намезебад кару фар,
Ғазабро аз сари имон фурӯ бар.

Нашояд мардумӣ озор додан,
Адаб бошад ба ҳолат дурру гавҳар.

Ҳама хӯрдем шири поки модар,
Нишони одамӣ дорем дар бар.

Мадеҳ зарба каси афтодаеро,
Ки баргардад туро ин мушт бар сар.

Гулистон, хоксору бохирад бош,
Нишони одамӣ болост аз зар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Умри ман рафт, чу афсона гузашт,
Андар ин дард зи ғамхона гузашт.

Ҳар тараф бурд раҳи қисмати мо,
Ҷон супурдем, ки ҷонона гузашт.

Мӯй гаштем, ба оташ хӯрдем,
Мӯй бар марҳамати шона гузашт.

Тӯтӣ андар қафаси бахт нишаст,
Аз ҳаво мурғаки белона гузашт.

Ҳарчи буд, аз карами ёрон буд,
Кандани банд ба завлона гузашт.

Гузарон аст, бидон умри азиз,
Огаҳат нест, ки мастона гузашт.

Эй Гулистон, зи ту ин номи накӯ
Ҳама аз он гули якдона гузашт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гулҳинаи ишқи ман раҳат гулгун сохт,
Бинӣ, ки чӣ гунаат ба ҷон мафтун сохт.

Ҷӯе, ки равон ба тешаи Фарҳод аст,
Доғи дили ошиқон ба ғам афзун сохт.

Дунёи маро ба ишқ зебо созӣ,
Дунёи туро бубин, чу гул майгун сохт.

Гулҳинаи ишқи ман ба дарди ту даво,
Оваҳ, ки дили туро ҳама пурхун сохт.

Аз сарвати ишқ ин муаммо донам,
То ҳоли туро маҳви чарову чун сохт.

Лабташна Гулистон ҳаваси обе дошт,
Подоши мурод ҳимматат Ҷайҳун сохт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман ба он боғ равам сайр, ки аз ин чаманам,
Накҳате хоҳам аз ин боғ ба файзи кафанам.

Ишваю нозкунон сӯи шумо лутф кунам,
Ҷони ман, баҳри ту аз рӯи вафо гул биканам.

Лаби ошиқ ҳамагӣ бастаи ҳарф аст, вале
Ман барои ту чу мурғони чаман дар суханам.

Гар биоӣ ту ба дунёи дили ман, шодам,
Гар наоӣ, ба ҷафо бандаи байтулхазанам.

Ба худат хониям ар лӯъбати ишқе, чӣ шавад?
В-ар нахонӣ чӣ тавон гуфт, ки хунинбаданам.

Тобиши зулфи ту моро ба ҳама тоб овард,
Ки ба ҳар тораи зулфи ту ҳама ҷону танам.

Ба Гулистон чӣ шавад гар назаре бинмоӣ?
Куштаи ҳар назари ишванамои ту манам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕤ

Аз ҷониби субҳи сафо омад ба сӯям хушхабар,
Ғамҳои пинҳонгаштаам шуд аз дили
зорам бадар.

Натвон кашид андӯҳро аз ҷони ғампарвардаам,
Эй кош, ёри бовафо бар сӯи ман созад гузар.

Ҳар гӯшае дар зиндагӣ ғам дораду худ
бандагӣ,
Дар сӯзише афтодаам, кай мерасад
ёдам дигар?!

Ғамгин мабош, эй дилрабо, рӯи мадад кун
бар Худо,
Боре Худо хоҳад агар, ёрам кунад сӯям сафар.

Эй дилбари шайдои ман, бахшам ба номат
ҷону тан,
Гардонӣ теғи ишқро, бошад зи ханҷар зӯртар.

Ишқат намояд нимаҷон, дармон
наёбӣ ҷовидон,
Эй кош, ин маҷрӯҳро охир шавӣ тоҷе ба сар.

То метавон эй, Гулситон, сайре ба сӯи бӯстон,
То аз ҷамоли дил кунӣ дил баҳравар,
ҷон баҳравар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ай дил, ту бинол, нола чандон хуштар,
Ай абр, бибор дар баҳорон хуштар,

Дарё, ту бирав, ба дурҳо роҳ бигир,
Ай чашма биҷӯш, қалби ҷӯшон хуштар.

Дунё, ту амон бимон ба поси дили халқ,
Ай умр, гузар, гузаштан аз ҷон хуштар.

Ай дида, хамӯш, чанд мерезӣ ашк?
Ай сина, ба дарди ишқ сӯзон хуштар.

Ай боғ, ба худ надорӣ себарга қатор,
Ай хок, ту бош майсапӯшон хуштар.

Ай нахл, чаро ба худ надорӣ ҳосил?
Эй об, биё сӯи Гулистон хуштар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❦ ❀ ❦

Шаби васл аст, чаро ёр, ту ёвар нашавӣ?
Дар раҳи сидқу сафо ёри диловар нашавӣ.

Нур хоҳад назари ишқ ба бетоби дигар,
Шӯълаи Шамси гаронмояи Ховар нашавӣ?

Раҳрави ишқи туро нозу таманно чӣ кунад?
Дари дил боз намо, мӯҷиби бовар нащавӣ.

Каштали чоки ҳарифони муҳаббат дигар аст,
Ҷайби дилро нашиносӣ, зи чӣ довар нашавӣ?

Бар муроди дили мо чеҳраи хандон бикшо,
Шод о! Чеҳра намо, то ки ғамовар нашавӣ.

Эй биё, марҳамати ишқи Гулистон шакар аст,
Дӯстӣ мақдами некӯст… чӣ ёвар нашавӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо сархушему мастем аз хуни дил чу лола,
Сар мекашем боло, оре, ба каф пиёла.

Дар қалби мо начӯед бетоби абри гирён,
Аз дида ашк борем борида ҷола-ҷола.

Дунё намеписандад дар даҳр як дили шод,
Доғе ки дар дили мост, рӯида нола-нола.

Ё раб, зи батни модар дил бастаи ғам омад,
Ҳарчанд дилҷавоне, будам ҳазорсола.

Аз хеш кай тавонам бигрехта Гулистон,
Чун моҳ даври хешам пайваста банди ҳола.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ай Худо, бахшой ёрони маро,
Ҷумла хубони дилу ҷони маро.

Дӯстонам баҳри ман ҷону тананд,
Дор эмин дӯстдорони маро.

Сайр мебояд сари боғу чаман,
Файз бахшо чашмасорони маро.

Гар шавад сероб чашма з-оби барф,
Ҳифз кун ин кӯҳсорони маро.

Нек бинам майсазори кишварам,
Барфизо ин барфу борони маро.

Эй Гулистон, бо баҳорон шод зӣ,
Дил пазирад ин баҳорони маро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чӣ созам, гар забони ман фидои ин сухан
бошад,
Даруни синаам маъвои ҳарфи анҷуман
бошад?

Магӯ аз ишваи дил, гар туро дасти сахое аст,
Чӣ созам чораи дилро, ба роҳи анҷуман
бошад?

Наёбӣ об агар дар дашту водӣ,
ташналаб монӣ,
Ҳамехоҳам, ки дарёи равон бар ин даман
бошад.

Ҳамеша чун чароғе хоҳамат тобанда ҷонамро,
Ҳамехоҳам диламро аз вафояш пираҳан
бошад.

Раво бошад агар, қалбам бароят пора месозам,
Чу донӣ пораи қалбам туро чун ҷону тан
бошад.

Ба ҳар роҳе ба поят сар ниҳодам,
мекунам таъзим,
Ман он ширинии ишқам, ки доғи кӯҳкан
бошад.

Масозӣ ташна, ё Раб, лолаи боғи Гулистонро,
Ки ҳар сарву гули навруста зеби ин
Ватан бошад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❦ ❀ ❦

Рафт аз боми фалак дигар нумӯи ахтарам,
Гашт пурхун қалби зорам, чархи гардон шуд
сарам.

Қалби модар гашт ором, пайкари ӯ сард шуд,
Баста шуд роҳи ду олам ҷониби бому дарам.

Модарам болу парам будӣ маро то ҷовидон,
Оҳ! Рафтӣ, баршикастӣ дар танам болу парам.

Гумбади хокат намоён аст, мебинам зи дур,
Ман чӣ сон бар пуштаи хоки мазорат
бингарам?

Ҳамчу каҳ оташ гирифтам, то дарунсӯзам
дигар,
Кош боде мебарад бар кӯи ту хокистарам.

Хоки поят ман биҷӯям ҳар замон аз хонадон,
Ашкрезон кӯ ба кӯ гӯям: – куҷоӣ модарам?

Лек кай ёбам нишонатро дигар аз кӯву дар,
Маснади укбо гирифтӣ модари хушгавҳарам.

Кай расад рӯзе, ки оям пеши ту бо сад умед,
Оҳ! Гӯӣ: – Ин тӯӣ? Оваҳ! Биё ку, духтарам?!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Саманди ишқи ман дар тоз бошад,
Варо ин хулқи хуш эъҷоз бошад.

Дили ман, завқи ишқи оташинам,
Шаби васли маро ҳамроз бошад.

Ҳамеша лашкари ишқат ба сӯям,
Навои қалби ман дар соз бошад.

Агар ҳарфе барам, ишқи ману ӯ
Зи як қалбу ба як овоз бошад.

Худоё, ишқро хоҳам мадоро,
Ки дар анҷоми он оғоз бошад.

Зи хоки Лайлию Маҷнун тани мо,
Зи гарди ғусса пойандоз бошад.

Ду тан овора бо як ҷони некӯ,
Гулистон инчунин анбоз бошад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❀ ❁ ❀

Ҳайфо, ки гирифторам, ошуфта дили зорам,
Дар дил чӣ алам дорам, ошуфта дили зорам.

Ман ғунчаи шохи гул, бар гул бинигар боре,
Бе рӯи ту беморам, ошуфта дили зорам.

Таъбир чӣ меҷӯӣ аз ишқ бад-ин коре?
Ман бандаи ин корам, ошуфта дили зорам.

Дар гӯшаи танҳоӣ як умр ба ҷон будам,
Дар маҳшари бозорам, ошуфта дили зорам.

Гар рӯзу шабе дорам аз розиқи худ хоҳиш,
Чун кӯҳи валангорам, ошуфта дили зорам.

Дар роҳи вафодорӣ номам, ки Гулистон аст,
Гул медиҳаму хорам, ошуфта дили зорам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чархи гардони фалак то кард саргардон маро,
Ҷону дил лабрез кард аз ғуссаи ҳиҷрон маро.

Зиндагиро гар накӯ дорӣ, аҷаб хуш бигзарад,
Варна теғи зиндагӣ кӯтаҳ кунад аз ҷон маро.

Бори вазнине бувад бар дӯши зан-модар мудом,
Марди ғамхоре куҷо то бошад ӯ султон маро?

Чархи гардун кай диҳад осоиши ҷони касон?
Мекунад чун модари бечораам сарсон маро.

Эй Гулистон, гар сари чархи фалак гарданда аст,
Мекунад як рӯз ин хоки сияҳ пинҳон маро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дил бол надорад, ки ба ҳар бом нишинад,
Ин аст, агар ояду бар дом нишинад.

Бар ҷоми ҳарифон нигарад соқии мастон,
Чун бода нигоҳаш ба дами ҷом нишинад.

Аз худ равад ин дилшуда дар гардиши айём
Ошиқ ба чӣ саргарону ором нишинад?

Лабташнаи ишқ аст дили ғамзадаи мо,
Аз сабр намирем, ки ноком нишинад.

Хуш бод, Гулистон, назару ақли расоят,
Некӣ самаре ҳаст, ки дар ном нишинад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дер дидам ёри худ, озурд дил,
Аз барои кори худ озурд дил.

Гашта ба ҳар куву дар, девонаам,
Ишқ бар темори худ озурд дил.

Гуфтамаш: Эй ёри ҷон, бо ман бимон,
Кард то изҳори худ, озурд дил.

Гуфт: дил бемор мебинад туро,
Бо дили бемори худ озурд дил.

Гуфт: Ҳам девонаву ҳушёр ман,
Бо гапи бисёри худ озурд дил.

Гуфт: Ошиқ ранҷ мебояд кашид,
Мавҳи ин озори худ озурд дил.

Бар Гулистон барги гул овард чанд,
Бо гули бехори худ озурд дил.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❁ ꕥ

Дар оғӯши Ватан бӯи баҳорем,
Гули раънои боғи рӯзгорем.

Ба дил меҳри Ватан ҳар ҷо, ки бошем,
Ба фармони Ватан мо ҷоннисорем.

Ватан сармояи дунёву ҳастӣ,
Ба танҳоии худ мо бешуморем.

Ватан дар синаи мо карда маъво,
Ватанро бар дилу ҷон месупорем.

Агар рӯзе бадар аз хокаш оем,
Ба роҳи бозгаштан интизорем.

Гулистон дар Ватан шодоб бошад,
Ба хоки ғайр ҳоли ташна дорем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Синаро ҳамчун сипар кардем мо,
Хешро хуни ҷигар кардем мо.

Ман надонистам куҷо афтодаам,
Тарки дасту пову сар кардем мо.

Ҳар хаёлу ёди ман сӯи Ватан,
Баҳри хоки он зафар кардем мо.

Бастаи занҷир гар буд дасту по,
Худ раҳо аз ин хатар кардем мо.

То вафо коми маро ширин кунад,
Ишқро бологузар кардем мо.

Сӯзи дил қурбони ёри гулнамо,
Васфи ёри ишвагар кардем мо.

Бар Гулистон косаи оби Ватан
Сарфи ин вологуҳар кардем мо.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❧ ❀ ☙

Аз резиши барги гуле бошад баҳоре хубтар,
Аз гушнагии бемадор бошад шикоре хубтар.

Донам, ки бошад ризқи мо дар дасти
он ризқофарин,
Аз дасти сахти бесахо хайре ба ёре хубтар.

Дорад дилат шодӣ агар, шукронаи Аллоҳ кун,
Аз хандаи пурдарду ғам бошад хуморе хубтар.

Ҳар захмате гар дидаӣ дар зиндагӣ, аз сабр гӯ,
Аз хонаи холӣ нигар, бошад нигоре хубтар.

Сайёҳ мебошу бирав пасту баландиро бубин,
Ғалтону хезон меравӣ, бошад саворе хубтар.

Бошӣ агар машғули кор мекӯш, ки ёбӣ барор,
Сомони коре гар равӣ бо як қароре,хубтар.

Бошӣ, Гулистон, бобарор, анҷом деҳ
ин гуна кор,
Аз бебарорӣ кошки ёбӣ барори хубтар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ғалати ишқ чӣ мадҳушам кард,
Бори олам ҳама бар дӯшам кард.

Барқ мезад ба дилам то ғами ишқ,
Дили офатзада дар ҷӯшам кард.

Сабри ман рафт, мадорам бигзашт,
Қуфл бар ду лаби хомӯшам кард.

Нигаронам ба раҳаш шому саҳар,
Оби ғам дар қадаҳи нӯшам кард.

Навбаҳор омаду борон овард,
Ба нигоре чӣ ҳамоғӯшам кард.

Бар Гулистон назаре кард накӯ,
Гул барафшонд, чӣ гулпӯшам кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зи ман кардӣ ҷудоӣ ёри ширин,
Бароят бас кашидам оҳи нангин.

Хиёнат кардаӣ бар ишқи покам,
Ба чашмам ашки дардолуди ғамгин.

Шудӣ торик рӯзи равшани ман,
Наомад дар шабам ҳам моҳу парвин.

Намурдам, зистам дар рӯи дунё,
Ба ҷонам дод ишқат бори сангин.

Ту аз қисмат бурун асло наоӣ,
Навиштат аз азал ин будааст, ин.

Чаро нолӣ зи дунё, эй Гулистон?
Кунад аз қисматаш шукрона мӯъмин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хумори рӯи ӯ моро ба таб кард,
Аҷаб карду аҷаб карду аҷаб кард.

Шудам бемору таскине надорам,
Худоё, ин замон рӯзам чу шаб кард.

Табиби дарди ҷон гуфтам, Худоё,
Равоям бар шифо сози тараб кард.

Ҳама фикру хаёли ман ба сӯяш
Пайи осоиши ҷонам адаб кард.

Наомад сабр бар ҳоли Гулистон,
Низоми зиндагониро сабаб кард.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Паём омад маро аз ишқи сӯзон,
Аҷаб овард бунёдам ба афғон.

Ҳавас овард манро давлати ишқ,
Нишон мекард дар ҷонам ба пайкон.

Биёбони дилам шуд хушксоре,
Ба сар борид моро ҳамчу найсон.

Гулистони дилам бишкуфт имшаб
Чу гулҳои баҳорӣ дар баҳорон.

Ҳавои ишқ дигар босафо буд
Ба оҳанги насими боғу бустон.

Садо медод то ишқи дили ӯ,
Ба овози найи дил аз найистон.

Сарандози базебаш ҷилвагар буд
Ба мисли лолаҳои боғи алвон.

Гулистон дар ҳавои ишқи дилбар
Шукуфон буд, шукуфон буд, шукуфон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❦

Биё, эй моҳ сӯи манзили ман,
Агар бошӣ ту як дам моили ман.

Шаби тор асту сози ишқ хоҳам,
Гули мақсуд бодо ҳосили ман.

Агар ҳиҷрони ошиқро кашидӣ,
То донӣ ҳоли ман, эй оқили ман.

Ҳама донад зи дунёи пур аз ғам
Надорад бори осон мушкили ман.

Худо ғамро раво дода ба ошиқ,
Гули ишқ аст дар олам гули ман.

Ҳама озод бошад рӯи дунё,
Маро тор аст ҷову манзили ман.

Ғами дил аз Гулистон гар барорӣ,
Туро гӯям: Биё, эй қобили ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зиндагӣ дорад азоби бешумор,
Шукр! Аз ранҷаш расад ганҷи ҳазор.

Гар бихоҳӣ бахтро дар зиндагӣ,
Роҳи худро тоза бинмо аз ғубор.

Панди нек омӯз аз ёрони нек,
Кори нек омӯз аз мардони кор.

Гармии ин зиндагиро дидаӣ?
Донаи пурмағзи он аст обдор.

То даме ки зиндаӣ, хуш дор дил,
Ҳар куҷо монӣ қадам, бошад баҳор.

Гар набинӣ мушкилоти зиндагӣ,
Кай шавӣ огаҳ зи дарди рӯзгор?

Эй Гулистон, давр гардад зиндагӣ,
Даври некӯ ёбу завқи бешумор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Эй дӯст, мазан ту лоф хор афканда,
То худ нашавӣ пеши касон шарманда.

Бар хеш агарчи боварат ҳаст, бигӯ!
Гар нест магӯ, ба бад нагардӣ ганда.

Ҳар рӯз ба ҳоли худ чӣ афсӯс хӯрӣ?
Некӯ бошад ба тан туро ин ҷанда.

Мағрур машав, агарчи пурганҷ туӣ,
Раҳ ҷӯ, бошӣ пеши Худоят банда.

Бар ҳоли Гулистон нигару дар гул бин,
Гул ханда кунад, ҷаҳон шавад дар ханда.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ

Мекунӣ бар худ ҷафо, эй булҳавас,
Ком мебахшад туро оё нафас?

Пар мазан ҳар сӯ ба ҳукми нафси бад,
Мешавӣ побастаи кунҷи қафас.

Умр гар бигзашт, афсӯс асту оҳ,
Умри рафта барнаояд бозпас.

Зиндагӣ ором дорӣ, эй ҷавон,
Шукри Яздон гӯй, Иллаҳ гӯй бас.

Медавӣ аз пушти нафси бад агар,
Мешавӣ беқадр ҳамчун хору хас.

Эй Гулистон, обрӯю эҳтиром
Аз вафо ёбӣ, ки монад ном кас.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сухан он гуна равад кош, ки беҷо наравад,
Сухан аз ақл бигӯ, то ба хатоҳо наравад.

Гар сухан ҷову агар нукта мақоме дорад,
Маънӣ он гуна бубояд, ки ба даъво наравад.

Гар ту донӣ, ки туро ҳаст каси дилсӯзе,
Кӯш, то умр ба беҳуда ба танҳо наравад.

Аз гулистони Ирам пурс, ки булбул дорад,
Аз дилаш ҷуз сухани хуш ба таманно наравад.

Роҳ ин аст, ки медонамаш он марди сафар,
Ҳамсафар кист, ки дар бодия бе мо наравад?

Ончунон маҳви назар бош, ки аз худ наравӣ,
Сар нигаҳ дор, ки ошуфтаву аз по наравад.

Эй Гулистон, агар имрӯз туро ғам бошад,
Нағма зан, то ғами имрӯз ба фардо наравад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❦ ❀ ❦

Бар матлаби ин ҷаҳон набошам,
То ҳарфи хуши баён набошад.

Додам ҳама умр бар сафояш,
Ҷонона чӣ гуфт, ҷон набошам?!

Чун дастагулам, ки бар хазонам
Ҳар фасл ба ҷовидон набошам.

Сӯзад тану ҷон зи дарди дунё,
Аз дарди ту нотавон набошам.

Поянда кӣ монд андар ин даҳр?
Ман низ чу даҳрбон набошам.

Бишкуфтаму гаштаам Гулистон,
Дур аз бари дӯстон набошам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ᘓ ❀ ᘐ

Гардиши гулзор мехоҳад дилам,
Эътибори ёр мехоҳад дилам.

Донаи меҳру вафо дар синаам,
Хоки гавҳарбор мехоҳад дилам.

Шӯри дарёи дилам мардафкан аст,
Дидаи бедор мехоҳад дилам.

Хонаи уммед дорам баҳри ёр,
Ёри безинҳор мехоҳад дилам.

Ин замон гар навниҳоле гул кунад,
Як гули бехор мехоҳад дилам.

Ишваю нозат бароям хуш бувад,
Анбари тотор мехоҳад дилам.

Эй Гулистон, саъй кун дар ин чаман,
Ғояти ашъор мехоҳад дилам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гар умр гузашт, ёди мо мемонад,
Аз ҳамдами бовафо вафо мемонад.

Сад сол агар умр бубинӣ ба ҷаҳон,
Фардо ба саодати ту ҷо мемонад.

На сарвату на давлату на моли гарон,
Як лутфи хуши ту бебаҳо мемонад.

Хуш давлати он касе, ки дар умри гузар
Ҳамқисмати халқи бенаво мемонад.

То битвонӣ, дар ин ҷаҳон хайр бикун,
Баъд аз ману ту хони сахо мемонад.

Донӣ ту Гулистон, ки ҷаҳон мегузарад,
Мо дар гузарем, як Худо мемонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Ёди рӯҳи рафтагон кун, эй писар,
Тарки моли ин ҷаҳон кун, эй писар.

Ҳеҷ дорое ба худ моле набурд,
Рав, сахо бар ину он кун, эй писар.

Гар ту бошӣ бандаи неки Худо,
Гӯш бар бонги азон кун, эй писар.

Сайр созӣ дар биҳишти ҷовидон,
Хидмати пиру ҷавон кун, эй писар.

Ёд кун панди Гулистонро накӯ-–
Тоза аз ҳар кина ҷон кун, эй писар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бӯи хуши навбаҳор омад,
Вақли гули лолазор омад.

Дар дашту даман, ба боғ бишкуфт,
Аз гул ба чаман нигор омад.

Омад чу баҳор доманаш сабз,
Сабзина ба завқи ёр омад.

Булбул ба чаман ба зор нолид,
Ошуфтаву дилфигор омад.

Дар дашт ба ҳар кучо суман руст,
Ин дашт чӣ майсабор омад.

Борон ба карашма рехт ҳар ҷо,
Ин абр чу шаҳсавор омад.

Гул дар сару кокули Гулистон
Бо шеваи нағмасор омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нек бошу нек, манмо гандагӣ,
Гандагӣ дорад ҳавои бандагӣ.

Бад магӯ аз одамони некном,
Номи некӯе бимон дар зиндагӣ.

Аз баду аз бадгумонӣ алҳазар,
Бадгумонӣ оварад шармандагӣ.

Некпиндору накӯрафтор бош,
Некномӣ оварад фархундагӣ.

Эй Гулистон, шавқи болу пар намо,
Маҳви худ монӣ ба ин паркандагӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Ҷон фидои мардуми некӯниҳод,
Нафрате дорам ба шахси бесавод.

Дар ҷаҳон кам нест ёри ҳақназар,
Зиндагӣ бо дӯстон обод бод.

Пояи макру риё пӯсидааст,
Ҷовидон хоҳад ҷаҳони зиндаёд.

Дар хаёлам ошиқӣ зебандагист,
Ҷон фидои ишқу меҳру эътиқод.

Хушсухан бошӣ агар, ёрат манам,
Кам сухан гӯ, бахт гар доду надод.

Ин Гулистон рангу бӯ овардааст,
Бӯи хуш дорад дили ғамдида, шод!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй Ватан, бо ёди ту мастона мемонам қадам,
Эй Худо, дигар набинам рӯи мазрат бори ғам.

Мисли сайёҳон агар тай мезанам рӯи замин,
Ман набинам хоки зархези туро бо чашми кам.

Масту махмурам чу аз обу ҳавоят, эй Ватан,
Бар димоғам мерасад бӯи хушат ҳар субҳдам.

Боғҳову сабзазорат дилхушӣ орад ба ман,
Шодмонам аз туву ҳаргиз наям бо чашми нам.

Тоҷикистонат, Гулистон, такягоҳи сулҳ шуд,
Оли Сомонат зи истиқлол бахшидат алам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй Худо, нури таҷаллӣ бош ҳар бечораро,
Марҳами ҷоне бишав сарсону ҳам овараро.

Пораи абре агар пӯшад самои нилгун,
Аз болоҳо дур бинмо қалби ҳар маҳпораро.

Гар биёмад тифли кӯчак рӯи дунёи кушод,
Маскани парвоз гардон тахтаи гаҳвораро.

Осмонро бингарӣ, охир ғуборолуд гашт,
Торҳои анкабут печонда бурҷи бораро.

Адлу инсофе надорад одамӣ дар ин замон,
Об бинмо ҳар замон дилҳои санги хораро.

Қувваи бозӯи мардон, эй Гулистон, ваҳдат аст,
Эй Худоё, ҷуфт бинмо риштаи якторароро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сабза чу дамид, майли борон дорад,
Ҷони ба лабам шӯълаи Қуръон дорад.

Гар хайр кунӣ, зи дасти ту хуш бошад,
Муслим кӣ бувад? Ҳамон, ки имон дорад.

Гар нахл зи об сабзу одам зи дуо,
З-ин ҷост, ки дил майл ба Яздон дорад.

Гӯянд, ки бе пир марав, дармонӣ,
Бе пир равӣ, хатар дучандон дорад.

Пирони хирад буванд чун ганҷ ба мо,
З-он ганҷ бигир, роҳати ҷон дорад.

Сарсабзии Гулситон зи хоки Ватан аст,
Атри суханаш бӯи шаҳидон дорад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй Худо, пеши ҳама нокасу кас зор макун,
Рӯзи хуш пеш биёру раҳи ман тор макун.

Ҳамчу гулчӯй дар ин даҳр кадам мемонам,
Ҳар куҷо рӯй ба рӯям ба дами хор макун.

То равам бо сари боло ба сари қуллаи ишқ,
Ҳадя кун пайраҳае, марҳала душвор макун.

Умр бо лаҳзаяке пеши назар ояд агар,
Сари ҳар лаҳза зи бигзашта ту гуфтор макун.

Аз Гулистон ба ҷаҳон некӣ агар монд, хуш аст,
Эй Худо, синаи савдозада ғамдор макун!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар турбати хоки ту бикардам нола,
Аз ҷӯи сиришки ман бирӯяд лола.

Ин синаи сӯхта ба хоке молам,
Нақши амалат биҷӯям аз ҳар ёла.

Ду наргиси ман чу абри боронӣ шуд,
Аз дидаи ман зи ғам бирезад ҷола.

Аз фурқати ту рӯ канаму мӯ биканам,
Хун ҷорӣ шавад зи рӯи ҳавзи мола.

Аз баҳри ту ман бигаштаам пиру забун,
Дар айни ҷавониам шудам садсола.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Во дареғи модарам, аз бори дунё рафту рафт,
Қалби модар соф буд, чун мавҷи дарё
рафту рафт.

Такягоҳам буд модар доимо дар зиндагӣ,
Сарви зебояш нашуд хам, ҳамчу раъно
рафту рафт.

Модарам, ҷону дилам, пайванди тори
умри ман,
Тоҷи сар буд баҳри мо, бо сад таманно
рафту рафт.

Кош ман ҳамроҳи ӯ мерафтаму мерафтам, оҳ,
Боқии умраш ба мо бахшиду танҳо
рафту рафт.

Модарам буд чун арӯси сол дар фасли баҳор,
Ин баҳор аз умри худ ночида гулҳо
рафту рафт.

Лаззати дунё ба дил буд модарам аз баҳри ман,
Монда ин дашту даман, бар тарфи уқбо
рафту рафт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Марги модар баҳри мо афсона шуд
дар зиндагӣ,
Ҳамчу ахтар бар само, нокарда парво,
рафту рафт.

Чок кардӣ синаам аз баҳри модар, эй Худо,
Ганҷи моро бурд, ҳамчун дурри якто
рафту рафт.

Нола созад чун Гулистон баҳри модар
рӯзу шаб,
Ҷаннати қоиммақомаш бод маъво, рафту рафт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сад ҳайф, ки даврони ҷавонӣ бигузашт,
Дур аз хушиву зи шодмонӣ бигузашт.

Он чӣ, ки ба дил буд, надидем онро,
Чун аспи даванд зиндагонӣ бигузашт.

Мо бехабар аз лаззати умри гузарон,
Ҳайфо, ки бурун зи комронӣ бигузашт.

Эй кош, ҷавонӣ ба сар ояд зи дигар,
Афсӯс, ки дил пурормоне, бигузашт.

Такрор нашуд дубора ин умри азиз,
Умри гузарон ба нимаҷонӣ бигузашт.

Аз мурғи зи каф ҷаста, Гулистон, ту манол,
Умрам бари тифлу пуштибонӣ бугузашт.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дунё, ки ҷавон монаду мо мегузарем,
Чун ҷӯи равонем, вале бехабарем.

Меҳмон, ки дар ин дайри дудар мебошем,
Бошад зи ҷаҳон номи накӯе бубарем.

Дар дини Муҳаммадӣ набошад кина,
Бекина шавем, на зи дини дигарем.

Медон, ки, Гулистон, ба ҷаҳони гузарон,
Меҳр аст баҷову мо ҳама даргузарем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

То хомаи ман чӣ ҷовидон мемонад,
Ҳар сатри навишта дар забон мемонад.

Бо амри Худо равам, нагардам ҳаргиз.
Ҳар мисраи ман ба ҳар замон мемонад.

Гар ман раваму тӯдаи хокам монад,
Ин килк чӣ беҳ, ки бехазон мемонад.

Гар шеъри маро касе қироат бикунад,
Донад зи Гулистон чӣ шишон мемонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Худо ҳам дӯст медорад баҳору гулъузоронро,
Ҳама мардони боҳиммат, сахию хоксоронро.

Дарахт ар мева бор орад, заминро мекунад бӯса,
Сари хам мекунад боло шукӯҳу қадри ёронро.

Чу ояд тоҷи шоҳӣ бар сарат, касро маранҷон ҳеҷ,
Ки нодорӣ ғамин созад ҳазорон марди майдонро.

Дареғо, панҷ ангушти баробар нест одамро,
Чӣ донад бехабар ҳоли чороғи рӯзадоронро?!

Макун шодӣ, агар бечорае бигзашт аз дунё,
Наҳанги марг охир мекашад бас шаҳсаворонро.

Маку н тарки Ватан, гар бар сарат борони
ғам борад,
Куҷо бошӣ, азизам, ёд бинмоӣ Гулистонро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман зи каҷгӯву зи каҷдилҳо чӣ сон дорам ҳазар,
Ҳам зи бӯҳтону фиреби нокасон дорам ҳазар.

Ростиро бар забон овардани онҳо гумон,
Ман аз ин шахсони белафзу забон дорам ҳазар.

Нангу номуси ҷавонмардӣ ба хок афкандаанд,
Ман аз ин «ёрон-и беному нишон дорам ҳазар.

Лафзи хуш чун ҷавҳари мардӣ бувад хушном, лек
Ман аз ин беҷавҳарони бадгумон дорам ҳазар.

Шарм меояд маро аз ман-мании нокасон,
Ман аз ин тоифа ҳар гаҳ дар ҷаҳон дорам ҳазар.

Эй Гулистон, обрӯю эҳтироми кас бидон,
Чунки аз беқадрии марди замон дорам ҳазар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ба мумсик умр кӯтаҳ, гӯр танг аст ,
Бахилӣ баҳри одам кори нанг аст.

Машав ту тангдил дар рӯи олам,
Ки баъди мурданат рӯҳат ба ҷанг аст.

Саховаткору некандеш мебош,
Ки бадандеш дар чанги паланг аст.

Гулистон, метавонӣ хайр бинмо,
Нагӯяндат, ки дар сахтӣ чу санг аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Парҳез намо зи нокасу булҳавасон,
Ғофил манишин зи тинати хору хасон.

Гар битвонӣ, ба ёри хуштабъ бизӣ,
Озода бигарду дур аз шахси касон.

Парҳез намо зи ҷумлаи бадгуҳарон,
То рост равӣ, даст ба эшон нарасон.

Хоҳӣ, ки шавӣ ёр ту бо марди накӯ,
Бӯи хуши одамӣ димоғаш бирасон.

Андеша намо ба кори имрӯзаи худ,
Бепарда машав ба умр мисли магасон.

Чун рост раҳе дорию дурӣ зи каҷӣ,
Биме набувад туро зи ҷаҳли асасон,

Бо ёри накӯ агар, Гулистон, биравӣ,
Роҳист ба бол корвони фарасон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Парҳез намоям зи каси булҳавасе ман,
Хоҳад, ки ба хуштабъ шавам ҳамнафасе ман.

Ҳар лофзане қуллаи мақсуд напаймуд,
Бар марди ҳунарманд шавам дастрасе ман.

Дар боғи сухан ширাи гул ҷамъ намудам,
Пурбол чу ору шуда, на чун магасе ман.

Чун булбули озод, Гулистон, бисароям,
Тӯтӣ наяму бастаи кунҷи қафасе ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сабукборӣ макун, ҳар ҷо мапардоз,
«Намак хурдӣ, намакдоронро маяндоз».

Бикун шукрона, гар боло нишастӣ,
Мапурсандат, сухан манмо ту оғоз.

Намедонӣ агар савдои касро,
Макун бар пеши ӯ ту ишваю ноз.

Надорад лахчаи ту гар аланга,
Ту оҳанро ба рӯи он наандоз.

Агар хоҳӣ, ки бошӣ дилработар,
Дилатро ҷӯр кун бо нағмаи соз.

Гулистон, гар муроди дил бихоҳӣ,
Макун беҳуда ифшо бар касе роз.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Машав мағрур гар дорӣ фаросат,
Бикун шукронаи ин нозу неъмат.

Ба боло чун бароӣ, паст бингар,
Бикун андешаи рӯзи қиёмат.

Бихоҳӣ гар дили ту шод бошад,
Марезон ашки касро бо маломат.

Намехоҳӣ агар танҳо бимонӣ,
Макун коре, ки бор орад надомат.

Ҳамеша пок мегардад раҳи дил,
Агар ки ҳамраҳат бошад каромат.

Агар бошад ба мулке шоҳ одил,
Биёсояд халоиқ аз адолат.

Гулистон, рангу бӯи худ нигаҳ дор,
Мабодо, ки барад бодаш ба ғорат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Макун беҳудагию айшу ишрат,
Кашӣ аз кори бад ҷоно, хиҷолат.

Сияҳкоре чу зулфи каҷ набошӣ,
Чу савре ҳар куҷоӣ ростқомат.

Чаро бошӣ ғуломи нафси саркаш?
Бикун чун мӯр бо доне қаноат.

Накӯӣ кун, накӯӣ кун, накӯӣ,
Накуӣ – мояи фахру саодат.

Гулистон, мепарастам поку покӣ,
Ба сар дорам зи покӣ тоҷи давлат.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гар бихоҳӣ кори некат шӯҳрати дунё шавад,
Қадри ту дар зиндагонӣ аз ҳама боло шавад,

Некному неккору ҳам накӯандеш бош,
То ки номат дар дили ҳар пиру барно ҷо шавад.

Бекасӣ бошад ба олам ҳар касеро рӯзи сахт,
Чашмае бе чашмаи дигар кучо дарё шавад?!

Дар дили ман нест, ёрон, ғайри пиндори накӯ,
Офарин бар он, ки як умре дар ин савдо шавад.

Ай Гулистон, аз накӯкорӣ ту меёбӣ шараф,
Номи некат баҳри ёрон зинати дилҳо шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дунёталабон талаб зи дунё доранд,
Нодида ҷафо, нозу таманно доранд.

Бар гардани ҳар яке бувад тавқи зарин,
Аз бекасу бенаво чӣ парво доранд?

Сайёдсифат аз пайи сайданд мудом,
Ҳар шому саҳар хайма ба саҳро доранд.

Андешаи фардои қиёмат накунанд,
Аз бοиси луқмае чӣ ғавғо доранд?!

Парҳез Гулистон кунад аз зевару сим,
Қонеъталабон ду дасти боло доранд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз серии кас бӯи сафо меояд,
Навкиса ба дида чун гадо меояд.

Чун номи накӯ зи симу зар беҳ бошад,
Аз шахси накӯ бӯи вафо меояд.

Нокас чу биёфт ногаҳон ганҷи ниҳон,
Аз ёри қарини худ ҷудо меояд.

Нодор манам, ки умри ман хуш гузарад,
Дар хонаи бой сад бало меояд.

Умрест сахӣ ҳаст Гулистон ба ҷаҳон,
К-аз шеваи ӯ бӯи сахо меояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лаъли лабҳои тари худ ман ба ҷонон медиҳам,
Гӯиё оби ҳаёте бар биёбон медиҳам.

Мерасад рӯзе, ки гул рӯяд ба саҳрои дилам,
Даста-даста ёрро гулҳои алвон медиҳам.

Давр мегардам ба гирди ёр чун чархи фалак,
Ёрро бахти баланд аз чархи даврон медиҳам.

Ҷамъ мебинад Гулистон хотири дилдори худ,
Чунки ман бар дасти ӯ зулфи парешон медиҳам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дардманди дили шӯрида ба дармон нарасид,
Кофар аст ишқ, бар он дасти мусулмон нарасид.

Ҳар чи, ки ёфтаӣ, шукр ба Яздон бинамо,
Кори дунёи куҳан ҳеҷ ба сомон нарасид.

Ҳама ҷонбоз бувад дар талаби моли ҷаҳон,
Ганҷи шаҳвор ба ҷуз дар бадали ҷон нарасид.

Аз пайи моҳрухон гар ту шавӣ хуни ҷигар,
Ба ҳама хунҷигарон он маҳи тобон нарасид.

Зистан хоҳӣ агар, заҳмати дунё мекаш,
Ки дар ин бодия раҳ бо дуру марҷон нарасид.

Чӣ суд аз нолаву аз шевани он ғамзадае,
Ҷони ширин ба раҳаш доду ба ҷонон нарасид.

Ай Гулистон, ки ба мағрурии худ менозӣ,
Каси мағрур ба қадри шаби ҳиҷрон нарасид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Дили ман сайр бароят, ки баҳор омадааст,
Дар лаби ҷӯ гули ҳулбу чу нигор омадааст.

Чун сияҳгӯш шукуфид дар ин фасли накӯ,
Ба дили ошиқи ғамдида қарор омадааст.

Наварӯси дили ман ҷилва кунад ҳар саҳарӣ,
Гӯиё ҷони азизаш ба нисор омадааст.

Ба машомам ҳама дам бӯи баҳор асту биҳишт,
Ки баҳори абадӣ сӯи диёр омадааст.

Ҳар ниҳоле, бинигар, муғҷакушоӣ дорад,
Ки зи ҳар шохи гуле савти ҳазор омадааст.

Рез борони баҳорӣ, ба сари кӯҳу даман,
Бар Гулистони дилам ғунча қатор омадааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Агарчи рафтаӣ, парво надорам,
Мепиндорӣ, ки ман маъво надорам.

Хиёнат карда аз ман дур гаштӣ,
Магӯ осоише ҳоло надорам.

Бирав аз олами зебопарастам,
Ки бо ту ҷой дар дунё надорам.

Туро, эй булҳавас, бо ғайр дидам,
Дигар осоише асло надорам.

Ба ишқу ошиқӣ бозӣ чӣ созӣ?
Умеди ошиқӣ фардо надорам.

Пушаймонӣ надорад суд асло,
Ки дар қалбам бароят ҷо надорам.

Гулистони маро хоре шудӣ ту,
Дигар аз қиссаат иншо надорам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман куштаи теғи марди қотил шудаам,
Аз ишқи дили хеш чӣ ғофил шудаам.

Не тоқати дарди ҳаҷр дорам ба дилам,
Дар ишқ чаро ғофилу ботил шудаам?

Сармояи умри навҷавонам чу бирафт,
Афтодаву ғамкуштаи дар гил шудаам.

Ҳобил нарасад ба дарди ман ҳамчу даво,
Ҳамсӯҳбату рӯбарӯ ба Қобил шудаам.

Чун заврақи дил шино кунад дарёро,
Муштоқи лаби ташнаи соҳил шудаам.

Чашми дили ушшоқ чу теғи буррост,
Манзур ба ҳар нигоҳи оқил шудаам.

Чун омаддаст фасли дай, нолонам,
Донӣ, ки Гулистонаму тамсил шудаам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❁ ꕥ

Гар ёрро бубинам, гӯё баҳор омад,
Хуршеди нурафшон андар канор омад.

Равшан чу сохт имрӯз дунёи ормонам,
Бар боғи навниҳолам себи анор омад.

Танҳо наям ман имрӯз, андар барам дилафрӯз,
Бо қалби некбину чашми хумор омад.

Бошанд чанд хубон имрӯз рӯи дунё,
Ҳар як зи хайли онҳо ҳамчу нигор омад.

Бар боғи ту, Гулистон, омад кунун саробе,
Гӯё, ки бар машомат бӯе зи ёр омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун ишқзодам, пинҳон набошад,
Бар ҷону бар дил дармон набошад. –

Як ғунчаи гул дар бӯстонам,
Дар ишқ хорӣ армон набошад.

Аз баҳри ӯ ман сӯзам дар оташ,
Роҳе ба қалби сӯзон набошад.

Хокистари ман гар мебарад бод,
Аз боди рафта афғон набошад.

Гар ишқи сӯзон бар дил шавад ҷо,
Сӯзу аламро сомон набошад.

Хорӣ, чӣ созӣ ту дар Гулистон,
Ки ишқбозӣ осон набошад!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

Пеши ёрам бо ҳаёву бо сари хам омадам,
Бар лабони нарми ӯ печида маҳкам омадам.

Ту мадеҳ озор ин дилро бидон, ёри азиз,
Аз барои ёри худ гуё ки ҳамдам омадам.

Мангарӣ кач, ки чунин табъи маро ношод кард,
Ман барои ёри худ бо лутфи ҳардам омадам.

Ёр агар дар дидаву дар синаам ҷо мешавад,
Меравам гар ҳар куҷо, бо ёди ёрам омадам.

Аз барои дидаи ман баски заҳмат мекашад,
Ман чу маҳрӯе ба пеши ёр ин дам омадам.

Ёр дорад орзуе, дар дилаш ман ҷо шавам,
Баҳри ин иқдом ман хушпою мақдам омадам.

Бар Гулистон бингарӣ, бас лолаи рӯяш шукуфт,
Лалагун рухсораам, озод аз ғам омадам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ᘐ ❁ ᘏ

Ин дилам васфи туро фармояд,
Дидаам роҳи туро мепояд.

Ман, ки бемор шудам дар ғами ту,
Ишқро сарвариат мебояд.

Танг гашта дилам аз ёди рухаш,
Кай гиреҳи дили ман бикшояд?

Аз шарар сӯхт маро хонаи дил,
Оташаш оби хунук кай шояд?

Гашт лабрез маро косаи сабр,
Гар набуд сабр, шакар кай ояд?

Ҳамчу Фарҳод канӣ ҷӯй агар,
Ғунчаҳои дили ман бикшояд.

Гар бигӯянд, чӣ додӣ ба ҳабиб,
Ҷон супорам, агар ӯ фармояд.

Чун Гулистон чамани ҳайрати туст,
Ғунчаи дил ба барат бикшояд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

То зинда манам, кай хами абрӯи ту бинам,
Андар пайи онам, ки чӣ сон рӯи ту бинам.

Аз бахши ту гаштам ҳама дам чӯлу биёбон,
Ҳар ҷо ки бигардам, ҳама ҷо кӯи ту бинам.

Ҳасратзада бар гуфтугузори ту кунам гӯш,
Болини ту дарёбаму паҳлӯи ту бинам.

Ин дил, ки чу хуршеди ҷаҳон нур фишонад,
Ҳар дам ба хаёлам қади дилҷӯи ту бинам.

Дар сӯзи муҳаббат дили ман ҳамчу кабоб аст,
Эй ҷони ба лаб омада, кай бӯи ту бинам?

Аз бахши ту, ҷоно, ҳама дам зору ҳазинам,
Дар печухами умр чӣ сон мӯи ту бинам?

Афтобзада дар талабат сӯхт Гулистон,
Серунии тан аз тарафи ҷӯи ту бинам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷони ширин, ман вафодору сухандонат шавам,
Гаштаю баргашта мегӯям, ки қурбонат шавам.

Баски ту марвориди зулфони печонам шудӣ,
Теғи алмосе ба он чашмону миҷгонат шавам.

Эй, ки дорӣ дар вуҷудат ишқи беолоишам,
Баҳри ишқу ошиқиҳо хоса дармонат шавам.

Аз бароям бар найистон рафта най ору навоз,
Дар ҳавои рези сози най ба ҷавлонат шавам.

Гулшани меҳру вафо ҷои ғазалхонӣ бувад,
Ҳамчу тутӣ андар ин гулшан ғазалхонат шавам.

Ғарқи гирдоби хаёли ман шудӣ бо сӯзи ишқ,
Ҷони ту сӯзад агар, ман марҳами ҷонат шавам.

Шодие дорад Гулистон аз шукуфтанҳои хеш,
Ҳам тароват, ҳам латофат дида, ҳайронат шавам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ваҳ чӣ хуш, ҷону дилам, бахри висол омадаӣ,
Сина дар ҷӯш бувад, дар чӣ хаёл омадаӣ?!

Мо, ки бас сӯхтаем аз ғами ту дар саҳро,
Боварам нест, ки ту мисли шамол омадаӣ.

Эй биё, боғи дилам пур зи гули накҳат кун,
Баски бар боғ ба пайванди ниҳол омадаӣ.

Хушк шуд чашмаи қалбам ба биёбони фироқ,
Ки чунин хаставу афгору завол омадаӣ.

Аз пайи субҳи умеде чу давидӣ, ҷонам,
Пеши ман хастадилу кони савол омадаӣ.

Шабчароғе, ки диҳӣ нур раҳи бахти маро,
Ман Гулистонаму бо нури ҷамол омадаӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эй, ту Хуршед, чаро аз дили ман бехабарӣ?
Чашми ман чор ба роҳат, ту гумоне набарӣ.

Аз бароят шукуфам чун гули бодоми баҳор,
Ту аз ин бӯи хуши ғунча чӣ сон баҳра барӣ?

Дар тороват шаҳи гулҳо гули садбарг бувад,
Гул бипошам сари роҳат, ки зи роҳам гузарӣ.

Ман, ки маҳтобам агар, бош ту хуршеди само,
Бинигар рӯи маро гоҳ, агар дар сафарӣ.

Хонаи дил бинигар, пурра зи меҳри ту шудаст,
Ту ба ин хонаи дил махзани дурру гуҳарӣ.

Ҳамраҳи умр шавам гар бари ҷони хуши ту,
Эй биё, роҳбари ман, ки маро болу парӣ!

Хонаи қалби ту як умр мунаввар созам,
Ба Гулистон пайи гул шав, ту чаро даргузарӣ?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ГАРДИШИ АЙЁМ

*Ба Президенти мӯҳтарам*
*Эмомалӣ Раҳмон*

Дилам аз гардиши айём чанде дар фиғон омад,
В-аз он бори гарони даври бедодӣ ба ҷон омад.

Будандӣ мардуми бечора саргардони ҳар кӯе,
Ба боғи умри мо – занҳо аҷаб фасли хазон омад.

Ҳама орому тинҷу сарбаланду серу пур будем,
Ба сӯи тоҷикон гӯӣ қазои осмон омад.

Ҳазорон хонавайрону ҳазор оварову маҳзун,
Хазон омад, хазон амад, басе рӯзи гарон омад.

Яке мекофт фарзанди ҷигарбандаш
зи мулки ғайр,
Ки марги душманиву гушнагӣ, оҳу фиғон омад.

Вале шукронаи қисмат, ки дар айёми бедодӣ
Ба мо як сарвари некӯву шахси ҷонфишон омад.

Биё, эй дӯст, то мо кинаро аз дил бадар созем,
Ки бар мулки азизи мо баҳори ҷовидон омад.

Худо қисмат насозад Тоҷикистонро
дигар ҳаргиз,
Ки болои сари мо парчаме партавфишон омад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, сарзаминат сар ба сар гулзор шуд,
Тоҷикистон, парчамат зебандаи ашъор шуд,

Рӯдҳои оби ҷонбахшат мудом андар шитоб,
Тоҷикистон, осмонат софу пуранвор шуд.

Ҳар канорат сабзаю себарга мерӯяд баҳор,
Тоҷикистон, ҳар дарахти боғи ту пурбор шуд.

Тоҷи ту аз тоҷи шоҳони ҷаҳон афзалтар аст,
Тоҷикистон, ворисат мардони шуҳратёр шуд.

Ин замон ту такягоҳи сулҳи олам гаштаӣ,
Тоҷикистон, душманонат ҳар куҷое хор шуд.

Ту ҳабиби баҳри мо дар зиндагӣ чун модаре,
Тоҷикистон, ваҳдати ту дар ҷаҳон подор шуд.

Чун Гулистон мепарастад хоки зархези туро,
Фахр созам, хоки ту чун зар ба мо хирвор шуд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Аё модар, бубинам ҳар замон ман рӯи тобонат,
Ба рӯи ҳавлӣ рафтори хуши кабки хиромонат.

Бимирам бар ду чашми нурбори пур зи меҳри ту,
Ба лабҳои маҳину гунаҳои мисли алвонат.

Бароям, модаро, чун чашмаи меҳри вафоӣ ту,
Калому шеъри ман ҳастӣ ба ҳар
пайдову пинҳонат.

Ту ай модар, тавоне додаӣ бар ман тамоми умр,
Ба лаҳни обшору бо нигоҳи чашми рахшонат.

Гаҳе ки банд гаштам аз қазо дар панҷаи заҳмат,
Гиреҳи қисмати талхам кушодӣ ту ба дандонат.

Сияҳкорӣ намезебад ба фарзанди ту, ай модар,
Ки бо меҳре бидодӣ шири испедам
зи пистонат.

Гулистонро чу гул парварда, худ обу
адо гаштӣ,
Биҷӯям аз сари ихлос бар ҳар дард дармонат.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ёрам ба дарам омад, ин ғунчаи дил во шуд,
Чун ҷуфти кабӯтар дид, олам ҳама зебо шуд.

Ай ёраки раҳдурӣ, баргӯй чӣ ранҷурӣ,
Он шавқи зи ман рафта аз нав ба дилам ҷо шуд.

Охир шудӣ хушдорам, ай ёри вафодорам,
Савдоӣ шудӣ аз чӣ, олам пури ғавғо шуд.

Эй сарвари бахти ман, ҳам соҳиби тахти ман,
Афсуни дигар кардӣ, ин дил ба ту шайдо шуд.

Шукрона Гулистонам, ман бандаи паймонам,
Бунёди дилу ҷонам охир ба ту савғо шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Накҳате аз навбаҳорон омада,
Завқи сайри лолазорон омада.

Боз мавҷи ханда дар дашту даман,
Боз даври «Ёр-ёр»-он омада.

Рӯи махмалҳои сабзи ин чаман
Эй хушо, сарҷамъ ёрон омада.

Ҷумла хубонанд аз шавқе ба ҷӯш,
Аз қудуми абр борон омада.

Оби софи чашмаи кӯҳӣ нигар,
Ҳамраҳи ҷӯе ғазалхон омада.

Ҷӯш зад дар синаам дарёи шеър,
Рашки мурғони Гулистон омада.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Баҳорон шуд, баҳорон шуд,
Ба ман дилдода пазмон шуд.

Ба рӯи сабзаҳо борон
Ҷилодору дурахшон шуд.

Чу гулҳои чаман хандид,
Ҳама саҳро шукуфон шуд.

Чу вақти кишту кор омад,
Ба майдон марди деҳқон шуд.

Табиат ҷӯш зад аз нав,
Ҷаҳоне гирдгардон шуд.

Баромад офтоби бахт,
Ҳама олам Гулистон шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ёри ман, гоҳе ба ман аз ишқ илҳоме бидеҳ,
В-аз даруни синаи пуршӯр ороме бидеҳ.

Ташнаам, лабташнагонро дар биёбони фироқ
Аз ҳамон ду нургиси майхораат ҷоме бидеҳ.

Мекунам пеши Худо арзи дили бечораам,
Гар тавонӣ, қиссаи дилро саранҷоме бидеҳ.

То маро осон намояд мушкилоти зиндагӣ,
Аз майи ҳусни ҷаҳонгират ба ман ҷоме бидеҳ.

Эй Гулистон, гар тавонӣ пеши ёрат сар бимон,
Аз лабони шаккарини худ ба ӯ коме бидеҳ!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Аз дарду доғи дунё гардида қоматам хам,
Чашмони барқборам акнун наянд бенам.

Дар ишқи ёри ҷонӣ обу адо бигаштам,
Нокому номуроде навбад чу ман ба олам.

Ҳарфи гарони шеърам аз бори рӯзгор аст,
Бинмо сабук, Худоё, бори гарони одам.

Бо килк гаҳ Гулистон гӯяд зи дарду доғаш,
То ки барорад аз дил ғамҳои хеш як дам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Битвонӣ агар, баҳри дили ман сухане кун,
Озурдадилам, аз ҳавасам анҷумане кун.

Гӯши дили ман нашнавад овози рақибон,
Боз ой ба кӯям, сухан аз ҳар чамане кун.

Армони дили ман шиканад дидани рӯят,
Як бори дигар ой, ту армоншиканӣ кун.

Ман ғарқи хаёлам ба дари боғи муҳаббат,
Комам ҳама талх асту ту ширин даҳане кун.

Чун силсилаи меҳру вафои ту накандам,
Дар оташи ишқам дамаке сӯхтане кун.

Ашки гули ман, ёр, макун хушк, биё шод
В-ин барги гуламро ба қадат пираҳане кун.

Азбаски бувад сайргаҳи ишқ Гулистон,
Аз ҳоли дили ӯ ҳама дам пурсидане кун.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бо ту ҳаме сайри гулистон кунам,
Ман ба тан ин куртаи алвон кунам.

Ҷони ман, аз роҳ намон, зуд бош,
Ҳар чи дилат металабад, он кунам.

Сайр намо боғи пур аз меваро,
Ҳар қадамат нури ду чашмон кунам.

Дар сари роҳат ҳама гул кошта,
Зери қадамҳо-т гулафшон кунам.

Гар ту биёӣ ба барам нимашаб,
Роҳи ту бо дида дурахшон кунам.

Ҷамъ шавад хотири ӯ, Гулситон,
Зулфи сиёҳам чу парешон кунам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

꧁ ❀ ꧂

Ман чӣ гӯям зи ҳама дору мадори хуши ту,
Ё басе дар чамане бӯсу канори хуши ту.

Ба хаёлам, санамо, сайри гулу лола расид,
Ба машомам бирасад бӯи баҳори хуши ту.

Чун зи гармои Асад хаставу ранҷур шавам,
Бошадам сояфикан барги чанори хуши ту.

Манзил обод кунам аз қадамат, чун бирасад
Нур пошида маҳи шаъшаабори хуши ту.

Сила бинмудаӣ, дидам, сари озурдадилон,
Шавқам афзун бишавад, ҷӯра, зи кори хуши ту.

Ай Гулистон, ба дилам дода сафои дигаре,
Дар муҳаббат ҳама лутфию нигори хушӣ ту.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Зиндаам, дар зиндагӣ ёдам бикун,
Гар тавонӣ, соате шодам бикун.

Аз қазо дар чоҳи ғам афтодаам,
Лутф бинмо, луфт, имдодам бикун.

Зиндагӣ гоҳе маро гардад қафас,
Аз қафас, ай дӯст, озодам бикун.

Ман ба сони деҳаи вайронаам,
Ҳиммате бинмой, ободам бикун.

Гар вазад бод аз Гулистони мурод,
Чаҳд бинмо, ҳамраҳи бодам бикун.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дода аз даст қарору ба шикор омадаӣ,
Ҳамчу савдозадаи ишқи нигор омадаӣ.

Хоҳам имрӯз ба ту фош кунам рози дилам,
Ишваю нози маро дида, хумор омадаӣ.

Булбули шавқи туро дидаму бишкуфта шудам,
Чун талабгори гулӣ, мисли баҳор омадаӣ.

Аз пайи дил биравӣ, оқибаташ нест ба хайр,
Дида рӯи чу маҳам, бо чӣ қарор омадаӣ?

Чу дарахти лаби ҷӯ соя фикан бар сари дил,
Шох-шохиву ба ҳар шоха ҳазор омадаӣ.

Ҳамчу гул дар раҳи ту хандазанон бишкуфтам,
Ба саломи дили ман ваҳ чӣ савор омадаӣ.

Ба рухат чор бувад чашми Гулистон ҳама дам,
Эй хуш он рӯз, маро рӯҳу мадор омадаӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ту гирифтори манӣ, моили рухсори манӣ,
Дар хаёли манию дар дили бедори манӣ.

Аҷабам нест, ки бемор ба ёдам бишавӣ,
Аз пайи дидани ман бошию бемори манӣ.

Мо ба ҳам чун ду тане сӯхтаву сохтаем,
Меҳри ман дар дили ту бошаду ту зори манӣ.

Ҷони ширин, наравам ҳеҷ гаҳе аз назарат,
Чашми бад дур, ба ҳар лаҳза хабардори манӣ.

Дили ман ҳам зи пайи он дили девона бирафт,
Ту биё ҳамдами фарзона, ки даркори манӣ.

Дар раҳи ишқ зи тӯфони бало бокат нест,
Шукр гӯям, ба Худо, ёри сазовори манӣ.

Чу Гулистон шарари меҳр ба чашмони ту дид,
Ӯ ҳамегуфт: дар ин ғамкада ғамхори манӣ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

࿐ ❁ ࿐

Ай Худо, бахт чӣ бахтест, ба сар дер омад.
Нури зулматкуши хуршеди саҳар дер омад.

Ин чӣ рӯзест, ки бишкаст маро боли умед,
Ваҳ, ки бар ҷону танам сӯзу шарар дер омад.

Ба сафар рафт, валекин сафараш дер кашид,
Ин саҳар шамси самоям зи сафар дер омад.

Чанд рӯзе зи мани зор агар дур шудаст,
Дар хаёлам ҳама соле ба назар дер омад.

Эй Гулистон, зи кубӯтар мададе пурс, бигӯ:
Чӣ бало омада, к-аз ёр хабар дер омад?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бикашам ҷабру ҷафои шаби ҳиҷрони туро,
Бикунам ёд суханҳои гуҳарсони туро.

Ту ба ҳоли дили ман раҳм надорӣ, чӣ аҷаб,
Чӣ шавад лолави ошуфтаву ҳайрони туро?

Бихӯрам хуни дили хеш, нагӯям ба касе,
Нест тоқат ба мане ҳоли парешони туро.

Дили худро ба ту додам, чӣ гурезӣ ту зи ман?
Расад он рӯз, ки гирам бари домони туро.

Аз Худо умр бихоҳам, ки нишинам ба раҳат,
То ки бинам ҳама он шодию даврони туро.

Мешукуфад чу Гулистон гули рухсораи ман,
Гар биёрам ба назар он лаби хандони туро.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Бидидам ошиқам озурдаю ранҷида меояд,
Дилаш тангу басо ранҷур, ғам дар дида меояд.

Бигуфтам нозбардорам чаро ранҷидааст аз ман,
Гирифтори муҳаббатҳо маро санҷида меояд.

Гиребон чок карда пеши ӯ афтодаам бар по,
Зи худ ӯ рафта бошад, ки чунин хандида меояд?

Дағал бошад ба гап гуфтан ба мисли
хори саҳроӣ,
Ҳазорон хори ӯ гӯӣ маро дар дида меояд.

Мисоли мурғи марҷонам, ки гӯям дони ишқамро
Ба гирди болҳои ман чи сон рақсида меояд.

Манам боғи дилорову сурури қалби дилдорам,
Чу борони баҳорон рӯи ман шорида меояд.

Биё, ки ман Гулистонам, макони накҳатавзоям,
Ки ҳар шохи гули ман бар дигар печида меояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❧ ❀ ☙

Ҳамчу оҳу бидавам то ту шикорам бикунӣ,
Бикашӣ тири камонрову фигорам бикунӣ.

Ман ки ошуфта яке оҳуи захмини туам,
Рӯи дастат ту бигириву қарорам бикунӣ.

Аз паят медаваму аспи саманд аст туро,
Раҳм ба ҷони ман ориву саворам бикунӣ.

Дар раҳи хеш сабукбор будам, шод будам,
Бори вазнини ҷудоӣ зи чӣ борам бикунӣ?!

Як даме дар шафати васли ту осуда будам,
Боз бар бодияи ҳаҷр дучорам бикунӣ.

Ин Гулистон, ки саропо шуда афсонаи ишқ,
Аз чӣ беаҳд, ба як бӯса ту зорам бикунӣ?!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

❧ ❀ ☙

Пеши чашмам чу ғубор омадааст,
Боз сайёд шикор омадааст.

Қумриам, рехта боли сафарам,
Боша дар шохи чинор омадааст.

Абрро диду само ашк бирехт,
Чӣ, магар пешаки ёр омадааст?

Гул шукуфтаст ба ҳар боғу чаман,
Шоду сармаст ҳазор омадааст.

Ҳама мурғони ҳаво дар дили ман
Парзанон боз қатор омадааст.

Ишқи печида зи дунёи куҳан
Бо рухи гарми нигор омадааст.

Ин Гулистон, ки хазонрез наяст,
Ошиқи ҳусни баҳор омадааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ёри ҷон, гоҳ туро шод чу наззора кунам,
Шукр аз бахти худодода дигарбора кунам.

Тутии дар қафасам, гуфта ба такрор сухан,
Чашм бикшода шаби ҳаҷр чу истора кунам.

Ҳамчу шамъе ба раҳат мӯй ба мӯ месӯзам,
Сӯхтан нест агар, дард чӣ сон чора кунам?

Нагузорам зи Гулистон нафасе дур шавӣ,
Нафасе монам агар бе ту, дилам пора кунам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Бин, ки Наврӯз чи хуш омадааст,
Чашмаҳо низ ба ҷӯш омадааст.

Хайли ёрон ҳамагӣ даст ба даст,
Булбул ин дам ба хурӯш омадааст.

Сина аз шавқ кунад лола чу во,
Ранг аз пайки сурӯш омадааст.

Ҷӯйҳо ташнашикан омадаанд,
Лаби ёрам чу ба нӯш омадааст.

Накҳат аз зулфи нигорам ба димоғ,
Аз ҳавас ёр хамӯш омадааст.

Эй Гулистон, бишавӣ рашки баҳор,
Гарчи гул ҷилвафурӯш омадааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ ❀ ꕥ

Фош мегӯям, ки ёри ман ҳамин,
Босалобат шаҳсавори ман ҳамин.

Ҷустуҷӯяш карда охир ёфтам,
Чун чароғи шоми тори ман ҳамин.

Гул нахоҳам ман зи боғи дигаре,
Гулшани доимбаҳори ман ҳамин.

Ғайри ӯ навбад маро ёри дигар,
Ғамрабову ғамбарори ман ҳамин.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биё эй муждаовар, моҳпайкар,
Туро ман дӯст дорам чун кабӯтар.

Бисӯзам, об гардам аз бароят,
Туӣ бар ҷони ширинам баробар.

Ба ёдат рӯз месозам шабамро,
Ки ҳастӣ аз бароям шамси Ховар.

Саросар рӯи дунёро бигардам,
Наёбам чун туе дилҷӯи дигар.

Садоқат бо ту дорам то ки ҳастам,
Ту ҳам аз сидқ манро бош дар бар.

Чу оби чашмасорон соф бошӣ,
Сафо бахшӣ ба олам, некахтар.

Гулистонам, чу ҳамрози баҳорам,
Бароям ҳар баҳор аз зери чодар.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ

Бо он чи Худо дод, бикун шукрона,
Бар кӣ чӣ диҳам, Худо худаш медона.

Камризқ кунад Худо, вале не беризқ,
Дар дохили санг ризқ дорад хона.

«Бисёр талаб макун, ба кам зор шавӣ»-
Ин панд фаромӯш накун,ҷонона.

Гар ҳаст туро тани сиҳат, шукр бикун,
Ҳарчанд туроcт умри дарвешона.

Ёрони ҳақиқиро ба ёд ор мудом,
Хоҳӣ нашаванд дӯстон бегона.

Аз ғояти ҷаҳл қалби касро махарош,
Бар шахс бувад забони хуш дурдона.

Парҳез Гулистон зи зару зевар кун,
Хуш нест ба халқ ҷилваи шоҳона.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бар касе ғайбат макун, ки меҳӯрӣ хуни ҷигар,
Охир аз ғайбат, ҳасудо, мешавад хокат ба сар.

Нест ҳозир гар касе, дар ғайб ҳарфеаш магӯ,
Мешавӣ бо ҳарфи бад андар шумори бепадар.

Гар сухан дорӣ ба дил, андешаи бисёр кун,
В-он сухан берун чу кардӣ, мебарорад болу пар.

Дон, забони каҷ бувад душман ба ҳар ҷое туро,
Он сухан гӯ, ки шавад бар одамон панди дигар.

Эй Гулистон, пахта аз ғайбат бимон дар бехи гӯш,
То ки н-орӣ бар ниёгону бар авлодат зарар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷони ман бодо фидоят, ёри ҷон,
Рӯзу шаб нолам бароят, ёри ҷон.

Бевафоӣ аз ту шуд, аз ман нашуд,
Гаштаам обу адоят, ёри ҷон.

Ҳар куҷо бошӣ, набинӣ дарду ранҷ,
Мекунам доим дуоят, ёри ҷон.

Орзу дорам, ки боре бишнавам
Ман садои ҷонфизоят, ёри ҷон.

Бар Гулистон бас азизӣ ҳамчу дил,
Мекунам дар сина ҷоят ёри ҷон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо булбули шӯридадили гулзорем,
Мо ошиқи савдозадаи дилдорем.

Тақдири баланди кас,ки ошиқ нашавад,
Мо ошиқи ғамдидадили афгорем.

Сӯзад дили мо чу оташи сихкабоб,
Мо ошиқи ранҷидадили беморем.

Ранҷур чу Ширину чу Фарҳоди замон,
Мо ошиқи захмдардили ғамдорем.

Дар ҷӯли фироқ гашта сарсону ҳақир,
Мо ошиқи савдозадаи ночорем.

Махмур Гулистон бувад аз бодаи васл,
Мо ошиқи мастонадили ҳушёрем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Навбаҳор ояду бӯи хуши он,
Ба тани мурда фурӯ резад ҷон.

Ёр ояд ба тамошои чаман,
Шодмон, ханда ба лаб, рақскунон.

Ба ҳавас соғари пурмай дар даст,
Бинишинанд ҳама пиру ҷавон.

Гузарад умр чу обе, ки равад,
Ёри ҷон, як дамаке бо ман мон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ёри худро кофтам, пайдо нашуд,
Ман шудам Лайло, касе шайдо нашуд.

Ҳар қадар, ки ҷустуҷӯ дорам, вале
Ҳеҷ тан бо чун мани танҳо нашуд.

Ман надонам чун кунам бо қалби хеш,
Ҳеҷ кас қалби маро маъво нашуд.

Ҳар қадар гуфтам зи ишқу ошиқӣ,
Ишқи ман овоза дар дунё нашуд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман аминам, оқибат ёрам, табибам мешавӣ,
Ғамгусори меҳрубоневу ҳабибам мешавӣ.

Бандаи неки Худо бемор мегардад, яқин,
Бигзарад дарду бало, охир қарибам мешавӣ.

Аз ман, эй дилдори шӯху бевафо, дурӣ маҷӯ,
Боварӣ дорам, ки ёри дилфиребам мешавӣ.

Бенасибии Гулистонро бувад анҷоми хуш,
Мерасад рӯзи накӯе, ки насибам мешавӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чанд умре бинаму гардам хазон,
Ман намедонам, чӣ мемонам нишон.

Шеърҳои сӯзноки гуфтаам
Лона бар дилҳо гузорад, дар гумон.

Ҳар чӣ бошад, дил набардорам зи шеър,
Кам надонам хешро аз дигарон.

Эй Худоҷон, нав-нав илҳомам бидеҳ,
Шеър гӯям то сазовори замон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ёри ҷонам, гули хандони манӣ,
Роҳатфазои дилу ҷони манӣ.

Ман гирифтори ду абрӯи туям,
Беҳтарин ёр ба чашмони манӣ.

Ман ба роҳат ба ҳавас менигарам,
Хотири ҷамъи парешони манӣ.

Чун ба фармони ту бошам шабу рӯз,
Як шабе гӯ, ки ба фармони манӣ.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ꮩ ❀ ᏍᏜ

Ман бинолам аз фироқи рӯи ту, эй ёри ҷон,
Зору ҳайрон по ниҳам бар кӯи ту, эй ёри ҷон.

Гар ту абрӣ, ман мисоли сабзаам дар роҳи ту,
Ташнаам, дорам умед аз ҷӯи ту, эй ёри ҷон.

Дар замин афтидаам ман ҳамчу шамъи хирасӯз,
Нур мехоҳам ҳаме аз сӯи ту, эй ёри ҷон.

Ман Гулистонам, муаттар доманам аз бӯи гул,
Лек муштоқам ба рӯю бӯи ту, эй ёри ҷон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ман ба ёри хеш дар ҳар кор ҳамдам мешавам,
Бар ҳама дарде, ки дорад ёр, марҳам мешавам.

Дар вафою аҳд кӯшам, нестам паймоншикан,
Сахтимонам, ба аҳду ваъда маҳкам мешавам.

Роҳпаймоӣ кунад гар ёри ман дар роҳи ишқ,
Ман ба истиқболи ёрам хоки мақдам мешавам.

Андар ин дунё наранҷонам дили ёри азиз.
Аз барои ёри худ гуё ки олам мешавам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ꕥ ❀ ꕥ

Ёри ман бахри висол омадааст,
Соҳиби ҳусну ҷамол омадааст.

Дилкушо ҳамчу насими саҳарӣ,
На ки пурчанг шамол омадааст.

Зи камолаш гули маънӣ резад,
Ба ҳама фазлу камол омадааст.

Гул бирезед ба пеши қадамаш,
Ёр пурсидани ҳол омадааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

То тавонӣ, дар ҷаҳон аз худ бимон ному нишон,
Ташнагонро об деҳу гушнагонро ошу нон.

Қадри меҳнатро надонад он ки дур аз меҳнат аст,
Қадри меҳнатро бирав пурсон бишав аз деҳқон.

Мекунад ӯ кор ҳар шому саҳар бо хоку об,
То зи хоку об берун мебарад ганҷи гарон.

Ҷони ман бодо фидои дасти перэҳсони ӯ,
Дасти пурэҳсони деҳқон пур кунад болои хон.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гар ҷони манӣ, дар дилу дар дидаи ман бош,
Гар булбули шӯридаӣ, дар ёди чаман бош.

Эй дилбари бебок, чӣ дидастӣ чу бебок?
Дар боғ даро, лаҳзае бо себи зақан бош.

Гӯянд, ки аз ишқи бутун кардаӣ тавба,
Як лаҳза биё пеши ману тавбашикан бош.

Ман дар ҳаваси меҳри балоҷӯи ту мурдам,
Дар фикри қазову қадару гӯру кафан бош.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Биншин ба барам, дилбари ҷон, як суханам кун,
Як ҳарфи хуш аз гулшану боғу чаманам кун.

Шохи гули навруста ба гулгашти вафоям,
Ояд чу ҷафое зи манат, решаканам кун.

Дар синаи худ лолаи армони ту дорам,
Лутфе бинамо андаку армоншиканам кун.

Ман силсилаи меҳру вафои ту накандам,
Комам ҳама талх асту ту шириндаҳанам кун.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ꕥ

Шукрона кунам, ду чашми бино дорам,
Бо он чӣ, ки дидаам, таманно дорам.

Ду дидаи ман ба рӯи дилбар бошад,
Дар дидаи ӯ ту гӯӣ маъво дорам.

Маъвои ту дар дидаи ман ҳам бошад,
Баҳри ту ба сина ҷой кайҳо дорам.

Чашм оинаи дил асту дил хонаи меҳр,
Дар умқи дилам барои ту ҷо дорам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чашмаи меҳр туӣ, модари ҷон,
Ба ту хоҳам сари сабзеву амон.

Гарчи пур рӯи ту з-ожанг шудаст,
Чун ту дар ҳусн набошад ба ҷаҳон.

Кай шавам ман зи тамошои ту сер,
Меҳри ту кард маро шахси калон.

Бе ту як рӯз нахоҳам будан,
Ҷовидон бош ту, эй модари ҷон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҷоне надамад, ҷони фигора чӣ кунам?
Бар хок равам, хандаи ёра чӣ кунам?

Ин хоки сияҳ ҷони маро металабад,
Дар кандани ҷон бӯи баҳора чӣ кунам?

Чун ҷумлаи хубони ҷаҳон дар хоканд,
Дар хоки сияҳ ду чашми чора чӣ кунам?

Дар зиндагиям ёд накардӣ боре,
Гаштем хазону ҷӯйбора чӣ кунам?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ту ҳастӣ модари зорам,
Ба ҷонат дӯст медорам.

Нахоҳам аз ту будан дур,
Агарчанде ки ночорам.

Ту худ як чашмаи меҳрӣ,
Ба ҳар коре мададгорам.

Набӯсам гар қадамҳоят,
Гунаҳгорам, гунаҳгорам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гар умр равад, зи мо чиҳо мемонад,
Дарду алами ҷудоиҳо мемонад.

Аз ёри азизи худ, ки гардем ҷудо,
Дунёст ба гирдоби бало мемонад.

Эй бехабарон, ба қадри имрӯз расед,
То рӯзи дигар чиҳо, киҳо мемонад?!

Некӣ ба касон бикун, ки дар ёди касон
Некии ту чун ёди Худо мемонад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Кардам сафару ёди Ватан дорам ман,
Ёд аз гулу райҳони чаман дорам ман.

«Хоки ватанам сурмаи чашмони ман аст»,[1]
В-аз хоки Ватан сиришта тан дорам ман.

Бе ёди Ватан нафас нагирам ҳаргиз,
Бо ёди Ватан шеъру сухан дорам ман.

---

[1] Аз Ашӯр Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

❀

Рӯзгори мардумон обод гардид,
Қалби пирону ҷавонон шод гардид.

Зинда гардонанд гуӣ рафтагонро,
Ҳар бузурге миллати мо ёр гардид.

Фасли шодӣ боз омад сӯи гулшан,
Ҳар диле, ки банд буд, озод гардид.

Боз мурғи рафтаи илҳом омад,
То Гулистон аз пайи эҷод гардид.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Имрӯз ду навниҳол пайвасти ҳаманд,
Аз бодаи васл ҳар замон масти ҳаманд.

Базми тарабе зи баҳрашон барпо шуд,
Дар кӯчаи бахт даст бар дасти ҳаманд.

Ҷӯе, ки шуданд дар муҳаббат дарё,
Дар баҳри ҳаёт моҳии шасти ҳаманд.

Озор кашида дар раҳи танҳоӣ,
Дар хонаи бахти нек побасти ҳаманд.

Дар роҳи ҳаёт қушапире бишаванд,
Чун тори дутори ишқ барбасти ҳаманд.

Обод шуда хонаву мардум ҳама шод,
Домоду арӯс, Гулситон, масти ҳаманд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ғазал дар боғи шеърам бар рухи гул ҳаст
чун шабнам,
Ту, эй хонандаи ҷонӣ, мабин шеърам ба
чашми кам.

Расонам накҳати некӯ зи боғам бар димоғи ту,
Расонад ширааш бар кому аз дилҳо
барорад ғам.

Худо додаст, ки таъбам равон бошад,
равон бошад,
Кунам шукрона, ки бошад ду чашмони
сарам бенам.

Худодод он касе бошад, ки аз худ як
нишон монад,
Чу мондам боғи эҷодам, касе хонад, бигирад дам.

Гулистон дурри маънӣ суфт дар ин
олами фонӣ,
Фараҳмандӣ биорад шеъри ту бар одаму олам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тоҷикистон, обшорат хуш бувад,
Обҳои чашмасорат хуш бувад.

Водиҳоят хуррамандy дилкушо,
Мавҷҳои ғаллазорат хуш бувад.

Шомгоҳон баҳри ҳар дилдодае
Моҳтоби шӯълаборат хуш бувад.

Махзани ганҷ аст кӯҳистони ту,
Даштҳои гулъузорат хуш бувад.

Чун Гулистон ошиқи рӯи ту аст,
Гар кунад ҷонро нисорат, хуш бувад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Лаъли лабҳои тари худ ман ба ҷонон медиҳам,
Гӯиё оби ҳаёте бар биёбон медиҳам.

Мерасад рӯзе, ки гул рӯяд ба саҳрои дилам,
Даста-даста ёрро гулҳои алвон медиҳам.

Давр мегардам ба гирди ёр чун чархи фалак,
Ёрро бахти баланд аз чархи даврон медиҳам.

Ҷамъ мебинам, Гулистон, хотири дидори худ,
Чунки худ бар дасти ӯ зулфи парешон медиҳам.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Гуфтам, ки баҳор ояд, ман бӯи туро бӯям,
Бишкуфта гули райҳон, ман рӯи туро бӯям.

Оҳиста бимон поро, озор наёбад хок,
Ҳар ҷо, ки қадам монӣ, ман кӯи туро бӯям.

Монандаи дарёе дар ҷӯшу хурӯшӣ ту,
Дарёи гулобӣ ту, ман ҷӯи туро бӯям.

Гар боди саҳар ин дам мӯи ту парешон кард,
Мӯи ту пари товус, ман мӯи туро бӯям.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ℵ ❀ ℵ

Ҳар касе нек аст, монад ҷовидон,
Кори нек аз вай ҳамемонад нишон.

Умри мо бошад ба олам бебақо,
То абад чизе намонад дар ҷаҳон.

Дӯст дорам сабзу хуррам боғро,
Боғро ҳам мерасад аммо хазон.

Мардумон гар мешаванд аз ту ризо,
Дӯстат дорад Худои меҳрубон.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## МУНДАРИҶА


Баҳори ишқи маҳ омад, хуш омад … ...................... 3
Садоқат шеваи ёрони ҳақ буд. ................................. 4
Ёри ман, чашми хуморат нозук аст. ......................... 5
Бо ту ин аст гузорам, ки рамидӣ аз мо. .................. 6
Даштҳои зарнисорат, эй Ватан. ................................ 7
Бар ту мегӯям, ки султони манӣ. ............................. 8
Дар хаёлам диданат дорам ҳавас ............................. 9
Бигзашта умри мост, ки қоматхамидаем. ............. 10
Дилатро пок дорӣ мисли дарё. ............................... 11
Панди модар гӯш бинмо, ҷон писар. ..................... 12
Дасти ман домони ту, эй ёри ҷон. ......................... 13
Гардиш нахӯрад чархи фалак беҳуда. ................... 14
Гар бовафо ту бошӣ, эй нозпарвари ман. ............. 15
Зери лаб гуфтам, ки ёри ман туӣ. .......................... 16
Сурмае дар дидагонам гаштаӣ. .............................. 17
Ман модараму модараму модари зорам. ............... 18
Чӣ дорӣ баъди рафтанҳо суроғе. .......................... 19
Чӣ бошад ишқ? Пурсидам аз он кас. ..................... 20
Байни гулҳои чаман садбарги зебоям тӯӣ. ........... 21
Дар сина ишқ дорам, бинед дар азобам, ............... 22
Дар замини сахту беоб, эй Худо. .......................... 23
Ҷону дилакат гирён аз тобу таби ишқам. ............. 24
Бар ту гӯям, офтоби ҷони ман. .............................. 25
Ба пешам гар биёӣ, сарфарозам. ............................ 26
Ба фарёдам набошӣ гар муқобил. .......................... 27
Эй боди сабо, биёр моро......................................... 28
Кӯлоб хуш аст, ҷои хубони ҷаҳон. ......................... 29
Дили ман моили дарёст, ба дарё фиканам. ............ 30
Орзу дорам, ки умре дар ҷаҳон............................. 31
Эй ёри маҳҷабинам, мислат ҷаҳон надида. ............ 32
Эй моҳи хубрӯён, саркардаи вафоӣ........................ 33
Ояд агар ӯ чу навбаҳор аз бари ман. ...................... 34




*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ҷабр ба ҷонам оварад ишқи нигори озарӣ............. 35
Сабзоро сабзпӯшам кардааст. ................................. 36
Ишқ! Сӯзат чанд сӯзад ҷони ман............................ 37
Алвидоъ эй ҷону ҷонон, алвидоъ. ........................... 38
Умр бигзашт, нотавон шудаам. ............................... 39
Эй биё, дарди дили озурдаамро чора кун. ............... 40
Сабр аз дили ман рабуда ҷонам. ............................. 41
Мусулмонро намезебад кару фар. ........................... 42
Бо ёди рухат дилам шарар мегирад. ......................... 43
Эй моҳлиқо, ту шӯҳраи кайҳонӣ. ........................... 44
Ишқ моро ид бошад ҳар замон. ............................... 45
Гулҳинаи ишқ лолагун кард раҳат. ......................... 46
Биё, биё ёраки хушкомуме. ..................................... 47
Ҷавлонгаҳи ошиқона бунёд кунам. ......................... 48
Эй Худо, аз баҳри кӣ парвонаам, парвонаам?........ 49
Соз саршоре зи ишқат ҷоми мо. ............................... 50
Бори души зиндагӣ бар сар маро ............................. 51
Мо ба даргоҳи Худо ҳар рӯзу шаб. ......................... 52
Ҳавас омад Худоё, шод кардем. ............................... 53
Дар ҳусну дар латофат он маҳ ҷаҳон гирифта. ...... 54
Меравад охир баҳори зиндагӣ. ................................ 55
Муборак бахти некӯ ёри моро. ................................ 56
Эй дӯст, ҳамеша шод монӣ. .................................... 57
Аҷаб омад маро аз ҳусни рӯяш. ............................... 58
Дӯстиро пос дорам ҳар замон. ................................ 59
Дили мо бурд ба як ҷилва рухи зебояш. ................. 60
Пеши ман эй ёри ситамгар биё! ............................... 61
Эй Худо, ранҷи маро кам кун. ................................. 62
Умр фарёдест, ман девонаам. .................................. 63
Эй кучоӣ ошиқи бебоки ман. ................................... 64
Чаро аз бевафоӣ доғ мемонад дили моро?............. 65
Чанд умре гар бубинам, оқибат гардам ҳалок........ 66
Зи сӯзи сина акнунам ғами олам фузун омад......... 67
Он моҳи нозанинам дигар намо надорад............... 68



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бе рухи он моҳи гардун оҳу афғон мекашам. ........ 69
Савдои ишқи ёр ба сар дорам, эй Худо.................. 70
Чу сабрам рафт, дил бар дод омад.......................... 71
Хуршедкулаҳ, эй маҳ, як бор назар моро. ............. 72
Ишқи покам дар ҷаҳон афсона шуд. ....................... 73
Накҳати боди баҳор аз нав ба ҳуш орад маро. ....... 74
Наёбам аз ғами дунё раҳоӣ...................................... 75
Маро аз ишқ ин паймон хуш омад. ......................... 76
Маро бар худ бихон эй ёри ҷонӣ............................ 77
Сӯзи дил сози гуворо дорад. .................................. 78
Ишқи балоҷӯи туам чора кард................................ 79
Ёри ман девонагӣ бунёд кард. ................................ 80
Чашми дил дорам ба сӯи пуштаҳо.......................... 81
Озори беш орад як рӯз шодмонӣ............................ 82
Эй гул, ба ҳусни рӯят дар ҳеҷ раҳ надидам........... 83
То дард синасӯз аст дилдор дар азоб аст. ............... 84
Шаби васл омаду хомӯшам ман. ............................. 85
Ҷони ман, гардидаам пазмони ту............................ 86
Чун дил ба диле расида дар банд шавад. ................ 87
Дар кучӣ ҷони ман, то чанд пазмони туам? ......... 88
Худовандо, ба ҳаққи қадрдонӣ. .............................. 89
Кошки аз кӯи ман созӣ гузар. ................................. 90
Ман аз ҳар қатраи оби ватан шодоб мегардам............ 91
Пеши ман ҳар гоҳ бо ҷӯш омадӣ. ........................... 92
Бархе чӣ аҷаб кӯрдилу бебасаронанд...................... 93
Чу донам ёр дилсӯз аст моро. ................................. 94
Занӣ бар дигарон гар неш......................................... 95
Бо дилам шӯру шарарсозӣ макун. .......................... 96
Баҳри ман будӣ биҳиште ёди рӯи дӯстон. .............. 97
Аз бори ранҷи дунё шуд қоматам хамида. ............. 98
Андар ин дунёи дун як даст бе душман набуд....... 99
Кош ман хок ба зери қадамат мебудам................. 100
Бо ту мехоҳам, ки бошам ҳар замон..................... 101
Ҳангоми баҳор аст, биё, ҷон ба фидоят. .............. 102



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳар киро ёди биҳишт аст ба дил. ........................ 103
Шукри яздон мекунам, ҳосил фаровон омада...... 104
Зар ситонад аз замин деҳқони олишони мо.......... 105
Назар афканд сӯи ман, гумон овард шодиҳо........ 106
Дилам лабрез аз шеъру тарона............................. 107
Бо ғами рӯзгор чанд қалби фигор меравӣ?........... 108
Умр бигзашт, дида бас хорӣ................................. 109
Шукри номат эй Худои ломакон. ......................... 110
Аз партави ҷамолаш нуру зиё дамида.................. 111
Ба номи Буалӣ хоҳам сароям. .............................. 112
Ёро, чу кунӣ даме вафои дили ман........................ 113
Даштҳои зарнисорат, эй Ватан. ........................... 114
Дорам талаб аз Худо, ба тадбир шавед................ 115
Барои ҳар азизи Тоҷикистон. ............................... 116
Аз ҳаҷри ту, эй дилрабо, ҷонам ба лаб омад бидон! . 117
Аз фироқат оҳи дил берун кунам. ........................ 118
Ё раб, мабод ин дил аз ишқбенасибон. ................ 119
Шеър мегӯям ман аз давру замон......................... 120
Барф меборад ба болои замин.............................. 121
Ба ҷамолаш назар афтод, нигаҳ равшан шуд. ...... 122
Эй ҷони ман фидоят Парвардигори олам. ........... 123
Ҳамчу хуршед аст рахшон марди нек.................. 124
Ҳарфе, ки дурӯғи бебақо буд ............................... 125
Сабр аз дили ман рабуд он шаҳ ........................... 126
Кори ту агар ҳалол бошад. ................................... 127
Зи субҳ афрӯхтан то шом корам........................... 128
Гар ҷавҳари авҷгир хоҳӣ. ...................................... 129
Эй модари ман, модари ман, модари ман. ............ 130
Нур меборад падар, аз рӯи рахшони шумо........... 131
Эй бародар, пос дорам, хони эҳсонам туӣ........... 132
Сабрам гузашт аз пайи ҳусну ҷамоли ту. ............ 133
Сафо бахшад қабои шодмонӣ............................... 134
Бо ақлу хирад биё гули ноз. ................................. 135
Мусулмонро намезебад кару фар. ........................ 136



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Умри ман рафт, чу афсона гузашт........................ 137
Гулҳинаи ишқи ман раҳат гулгун сохт. ............... 138
Ман ба он боғ равам сайр, ки аз ин чаманам........ 139
Аз ҷониби субҳи сафо омад ба сӯям хушхабар.... 140
Ай дил, ту бинол, нола чандон хуштар................ 141
Шаби васл аст, чаро ёр ту ёвар нашавӣ?............. 142
Мо сархушему мастем аз хуни дил чу лола. ........ 143
Ай Худо, бахшой ёрони маро. ............................. 144
Чӣ созам, гар забони ман фидои ин сухан бошад.145
Рафт аз боми фалак дигар нумӯи ахтарам. ........... 146
Саманди ишқи ман дар тоз бошад........................ 147
Ҳайфо, ки гирифторам, ошуфта дили зорам. ....... 148
Чархи гардони фалак то кард саргардон маро. .... 149
Дил бол надорад, ки ба ҳар бом нишинад. ........... 150
Дер дидам ёри худ, озурд дил.............................. 151
Дар оғӯши Ватан бӯи баҳорем.............................. 152
Синаро ҳамчун сипар кардем мо.......................... 153
Аз резиши барги гуле бошад баҳоре хубтар. ....... 154
Ғалати ишқ чӣ мадҳушам кард............................. 155
Зи ман кардӣ ҷудоӣ ёри ширин............................ 156
Хумори рӯи ӯ моро ба таб кард. ........................... 157
Паём омад маро аз ишқи сӯзон............................ 158
Биё, эй моҳ сӯи манзили ман. .............................. 159
Зиндагӣ дорад азоби бешумор.............................. 160
Эй дӯст, мазан ту лофи хор афканда.................... 161
Мекунӣ бар худ ҷафо, эй булҳавас....................... 162
Сухан он гуна равад кош, ки беҷо наравад........... 163
Бар матлаби ин ҷаҳон набошам............................ 164
Гардиши гулзор мехоҳад дилам. .......................... 165
Гар умр гузашт, ёди мо мемонад.......................... 166
Ёди рӯҳи рафтагон кун, эй писар. ........................ 167
Бӯи хуши навбаҳор омад...................................... 168
Нек бошу нек, манмо гандагӣ.............................. 169
Ҷон фидои мардуми некӯниҳод........................... 170



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Эй Ватан бо ёди ту мастона мемонам қадам........ 171
Эй Худо, нури таҷаллӣ бош ҳар бечораро............ 172
Сабза чу дамид, майли борон дорад..................... 173
Эй Худо, пеши ҳама нокасу кас зор макун........... 174
Дар турбати хоки ту бикардам нола..................... 175
Во дареғи модарам, аз бори дунё рафту рафт. ..... 176
Сад ҳайф, ки даврони ҷавонӣ бигузашт ............... 178
Дунё, ки ҷавон монаду мо мегузарем. .................. 179
То хомаи ман чӣ ҷовидон мемонад. ...................... 180
Худо ҳам дӯст медорад баҳору гулъузоронро. .... 181
Ман зи каҷгӯву зи каҷдилҳо чӣ сон дорам ҳазар. 182
Ба мумсик умр кутаҳ, гӯр танг аст. ..................... 183
Парҳез намо зи нокасу булҳавасон. ..................... 184
Парҳез намоям зи каси булҳавасе ман................. 185
Сабукборӣ макун, ҳар ҷо мапардоз....................... 186
Машав мағрур гар дорӣ фаросат. ......................... 187
Макун беҳудагию айшу ишрат............................. 188
Гар бихоҳӣ кори некат шӯҳрати дунё шавад. ...... 189
Дунёталабон талаб зи дунё доранд...................... 190
Аз серии кас бӯи сафо меояд. .............................. 191
Лаъли лабҳои тари худ ман ба ҷонон медиҳам.... 192
Дардманди дили шӯрида ба дармон нарасид. ...... 193
Дили ман сайр барояд, ки баҳор омадааст. .......... 194
Агарчи рафтаӣ, парво надорам............................. 195
Ман куштаи теғи марди қотил шудаам................ 196
Гар ёрро бубинам, гӯё баҳор омад........................ 197
Чун ишқзодам, пинҳон набошад. ......................... 198
Пеши ёрам ба ҳаёву бо сари хам омадам............. 199
Ин дилам васфи туро фармояд. ........................... 200
То зинда манам кай хами абрӯи ту бинам........... 201
Ҷони ширин, ман вафодору сухандонат шавам... 202
Ваҳ чӣ хуш, чону дилам, баҳри висол омадаӣ. .... 203
Эй, ту Хуршед, чаро аз дили ман бехабарӣ?........ 204
Гардиши айём......................................................... 205



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Тоҷикистон. .......................................................... 206
Аё модар, бубинам ҳар замон ман рӯи тобонат. .. 207
Ёрам ба дарам омад, ин ғунчаи дил во шуд. ........ 208
Накҳате аз навбаҳорон омада. ............................. 209
Баҳорон шуд, баҳорон шуд. ................................ 210
Ёри ман, гоҳе ба ман аз ишқ илҳоме бидеҳ. ......... 211
Аз дарду доғи дунё гардида қоматам хам............. 212
Битвонӣ агар, бахри дили ман сухане кун. ........... 213
Бо ту ҳаме сайри гулистон кунам. ......................... 214
Ман чӣ гӯям зи ҳама дору мадори хуши ту. ......... 215
Зиндаам, дар зиндагӣ ёдам бикун......................... 216
Дода аз даст қарору ба шикор омадаӣ. ................ 217
Ту гирифтори манӣ, моили рухсори манӣ. ........... 218
Ай Худо, бахт чӣ бахтест, ба сар дер омад........... 219
Бикашам ҷабру ҷафои шаби хиҷрони туро........... 220
Бидидам ошиқам озурдаю ранҷида меояд. ........... 221
Ҳамчу оҳу бидавам то ту шикорам бикунӣ. ......... 222
Пеши чашмам чу ғубор омадааст. ........................ 223
Ёри ҷон, гоҳ туро шод чу назора кунам. .............. 224
Бин, ки Нарӯз чӣ хуш омадааст. ........................... 225
Фош мегӯям, ки ёри ман ҳамин. ........................... 226
Биё эй муждаовар, моҳпайкар. ............................. 227
Бо он чи Худо дод, бикун шукрона. ...................... 228
Бар касе ғайбат макун, ки мехӯрӣ хуни ҷигар. .... 229
Ҷони ман бодо фидоят, ёри ҷон. ........................... 230
Мо булбули шӯридадили гулзорем. ...................... 231
Навбаҳор ояду бӯи хуши он. ................................. 232
Ёри худро кофтам, пайдо нашуд. ......................... 233
Ман аминам, оқибат ёрам, табибам мешавӣ. ....... 234
Чанд умре бинаму гардам хазон. .......................... 235
Ёри ҷонам, гули хандони манӣ. ........................... 236
Ман бинолам аз фироқи рӯи ту, эй ёри ҷон.......... 237
Ман ба ёри хеш дар ҳар кор ҳамдам мешавам. .... 238
Ёри ман бахри висол омадааст. ........................... 239



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

То тавонӣ дар ҷаҳон аз худ бимон ному нишон. . 240
Гар ҷони манӣ, дар дилу дар дидаи ман бош. ...... 241
Биншин ба барам, дилбари ҷон як суханам кун... 242
Шукрона кунам, ду чашми бино дорам. ............... 243
Чашмаи меҳри туӣ, модари ҷон. ........................... 244
Ҷоне надамад, ҷони фигора чӣ кунам? ................. 245
Ту ҳасти модари зорам. ......................................... 246
Гар умр равад, зи мо чиҳо мемонад. ..................... 247
Кардам сафару ёди Ватан дорам ман. ................... 248
Рӯзгори мардумон обод гардид. ............................ 249
Имрӯз ду навниҳол пайвасти ҳаманд. ................... 250
Ғазал дар боғи шеърам бар рухи гул ҳаст чун шабнам...251
Тоҷикистон, обшорат хуш бувад. ......................... 252
Лаъли лабҳои тари худ ман ба ҷонон медиҳам. ... 253
Гуфтам, ки баҳор ояд, ман бӯи туро бӯям. ........... 254
Ҳар касе нек аст, монад ҷовидон. ......................... 255



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

**Гулистон**

**ҒАЗАЛИЁТ**
*(ҷилди 2)*

Муҳаррири ороиш *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 07.10.2010 супурда шуд.
Чопаш 10.11.2010 ба имзо расид. Чопи офсетӣ.
Ҷузъи чопӣ 8,25. Андозаи 84x108 1/32.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»–и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

ҶДММ «Ямини Содиқ».
Душанбе, кӯчаи Р. Набиев,
гузаргоҳи 2, хонаи 42

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*